
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 931 (575.)
ТКБ: 63.3 (0) 3 (2 тоҷик)
Қ-76



ҚОДИРЗОДА ХУШБАХТИ САФАР

ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН (НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз
рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Расулиён Қаҳҳор Расул** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ
Муқарризони расмӣ:	**Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистону Русия; **Каримдодзода Миралӣ Замон** – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муассисаи пешбар:	Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия 24-уми ноябри соли 2026, соати 14:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Суроға: Умаров А.Қ. abdullo1189@mail.ru (тел: 981-05-98-89).

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (https://tnu.tj/) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар ҷаҳони муосир халқияту миллатҳои мухталиф дар доираҳои гуногун даъво доранд, ки аҷдодашон тавассути офаридаҳои моддию маънавӣ дар тамаддуни башарӣ саҳми муносиб гузоштаанд. Аҷдоди тоҷикон тавассути офариниши унсурҳои меҳварии тамаддун, махсусан бунёди аввалин давлатҳои муқтадиру тавоно дар аҳди бостон тавонистанд ба ҷомеаи башарӣ арзишҳои мондагоре эҳдо намоянд. Махсусан, бунёди аввалин империя ё шоҳаншоҳӣ дар таърихи башар – Ҳахоманишиён намунаи барҷастае аз ин хадамот аст. Бо вуҷуди қидмати зиёда аз 2500-сола шеваи давлатдорӣ ва раиятпарварӣ ин шоҳаншоҳӣ то имрӯз намунаи беҳтарини кишвардорӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба нақши империяи Ҳахоманишиён дар тамаддуни башарӣ чунин менависад: «Ҳахоманишиҳо бо истинод ба фарҳангу маданияти қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату маданияти сифатан наверо ба вуҷуд оварданд, ки зиёда аз 200 сол дар қисми калони қитъаи Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддуни худро ворисони худ ба мерос гузоштанд» [20, с. 156].

Ҳарчанд асарҳои бахшида ба давраи Ҳахоманишиён хеле зиёданд, вале мавзуи мазкур аз лиҳози таърихнигорӣ ба таври мушаххас дар замони муосир мавриди таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ қарор нагирифтааст. Бояд гуфт, ки таърихи сиёсии Эрони бостон, махсусан замони Ҳахоманишиён аз ҷониби шарқшиносону муҳаққиқони аврупоӣ нисбатан хубтар омӯхта шудааст.

Муаллифи рисола кӯшиш кардааст, ки таҳқиқи мушаххасу мукаммале дар бораи империяи Ҳахоманишиён бо дарназардошти манбаъҳо ва осори муҳаққиқони нимаи дувуми асри XX ва ибтидои асри XXI анҷом диҳад. Шарҳи муфассали манбаъҳои хаттӣ ва адабиёти роҷеъ ба масъалаҳои дар мундариҷа зикршуда дар муҳтавои диссертатсия пайдо кардан мумкин аст. Шарҳу таҳлили мазмуну мундариҷаи осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар қиёс бо сарчашмаҳои таърихӣ арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам таҳким мебахшад. Аҳаммияти таҳқиқу баррасии осори мазкур дар доираи диссертатсия бо нуктаҳои зерин асоснок карда мешавад:

Якум, то имрӯз аз ҷиҳати назариявию методологӣ таърихнигории империяи Ҳахоманишиён мавриди таҳлилу баррасии комил қарор нагирифтааст. Масъала мазкур бори нахуст

дар доираи диссертатсияи мазкур пажӯҳиш мегардад;

Дувум, дидгоҳи муҳаққиқон роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир ва таъсиси империяи Ҳахоманишиён баррасӣ гардида, бо истифода аз менобеъи таърихӣ ва осори муҳаққиқон шахсияти Куруши Кабир ҳамчун давлатмарди муваффақ ва бунёдгузори нахустин империя дар таърихи инсоният ба таври мушаххас баррасӣ мешавад;

Сеюм, вижагии низоми идории Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқон баррасӣ гардид. Аз раванди баррасиҳо маълум гардид, ки аркони эҷоднамудаи шоҳони Ҳахоманишиён аз ҷониби сулолаҳои дигари ҳукумрон, ки дар минтақа давлатдорӣ намуданд, ҳамчун намуна қабул гардида буд. Низоми мураттаби идории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён сабаб гардид, ки давлат ба империяи бузург ва доманадор табдил ёфта, новобаста аз гуногунии қавмӣ халқҳои зиёдеро дар доираи сиёсати ягона муттаҳид намуда, зиёда аз 200 сол ҳамзистии осоишта ҳукумрон буд;

Чорум, вижагии сиёсати хориҷӣ ва раванди тавсеаи ҳудуди ҷуғрофӣ ва сиёсии Ҳахоманишиён, бо такя ба манобеи таърихӣ ва осори пажӯҳишгарон таҳқиқ гардида, қайд мешавад, ки шоҳони он дар доираи арзишҳои баробарии башардӯстона бо халқҳои тобеъ муносибат мекарданд. Махсусан, бунёдгузори империя Куруши Кабир тавассути «Эъломия»-и худ дар муносибат бо мардуми Бобил ва дигар кишварҳои забтшуда собит кард, ки ба ҳуқуқу озодиҳои мардумон арҷ мегузорад. Ҳамчунин, сиёсати хориҷии шоҳони ҳахоманишӣ низ бо истифода аз принсипҳои хосси дипломатӣ амалӣ мешуд, ки осори муаррихони аҳди бостон аз он далолат медиҳанд;

Панҷум, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён аз нигоҳи муҳаққиқон баррасӣ гардида, авомили рушди соҳаҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Асоси рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии империяро соҳаи кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат ташкил медод, ки дар рисола ба таври фарогир таҳқиқ шудааст;

Шашум, аносири фарҳанги замони Ҳахоманишиён дар қиёс бо сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон баррасӣ мешавад. Шоҳони ҳахоманишӣ як навъ гуфтугӯи фарҳанги ориёӣ бо фарҳанги мардумони тобеъшударо ба вуҷуд оварданд. Дар заминаи ин тамаддуни бузурги ҳахоманишӣ зуҳур кард, ки на танҳо дар ҳудудаи империя, балки берун аз он густариш ёфт. Маҳз дар ҳамин марҳала тамаддуни ориёӣ ба сатҳи олии рушд расида, шуҳрати

ҷаҳонӣ касб кард.

Дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқ. Роҷеъ ба мавзуи таърихнигории империяи Ҳахоманишиён то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ сурат нагирифтааст. Вале дар хусуси таърихи ин марҳалаи муҳимми давлатдории аҳди бостонии аҷдоди тоҷикон муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ таҳқиқот анҷом додаанд.

Давраҳои омӯзиши таърихнигории империяи Ҳахоманишиёнро метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

Ба гурӯҳи якум шомил намудани осори муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоӣ ба маврид аст. Махсусан, саҳми муҳаққиқони варзидае, монанди Л. Аллен [50; 51], П. Бриан [55; 56; 57; 58], Мэри Бойс [53; 53], Ричард Фрай [24], Мариа Брозиус [59; 60; 61], Р. Гиршман [62; 63], В. Дюрант [32], У. Куликан [9], Масперо [10], А. Олмстед [65], А. Тойнби [44], К. Хавер [45], Р.Н. Шарп [47] ва дигарон барҷаста мебошад.

Бояд гуфт, ки раванди ташаккул ва тавонманд гардидани империяи Ҳахоманишиён, махсусан сиёсати кишваркушоии Куруши Кабир, Дориюши Кабир ва Хишоёршо дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони мазкур қарор дорад. Ҳамчунин, ба аносири фарҳанги Ҳахоманишиён низ таваҷҷуҳ кардаанд.

Масалан Л. Аллен ба пажӯҳиши фарҳанг ва тамаддуни Ҳахоманишиён машғул шудааст. Таваҷҷуҳи бештари ӯро ёдгориҳои меъмории аҳди Ҳахоманишиён дар мисоли Тахти Ҷамшед (Персеполис) ва дидгоҳи аврупоиён ба ёдгориҳои меъмории ин давраи таърихӣ ва шарҳи матни сарчашмаҳои таърихӣ ҷалб намудааст [50; 51].

Дар таҳқиқу баррасӣ ва таблиғи таърих ва фарҳанги Эрони Бостон саҳми шарқшиноси амрикоӣ Ричард Фрай хеле назаррас аст. Донишманди мазкур умри худро дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърих ва фарҳанги Эрону сарзаминҳои ҳамҷавор, аз ҷумла Осиёи Хурд ва Осиёи Марказӣ намуда, осори пуразрише аз худ бокӣ мондааст, ки ба қатори шоҳкориҳои илми ҷаҳонӣ дохил шудаанд [24]. Мариа Брозиус эронширноси португалӣ дар таҳқиқоти хеш бештар ба низоми кории дарбори шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ ва ташкили умури ташрифотӣ, вазъи ҳуқуқи занон ва нақшу мақоми онҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти империяи порсҳо таваҷҷуҳ намуда, доир ба таърихи давлати Ҳахоманишиён таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст [59; 60; 61].

Вилл Дюрант зимни омӯзиши таърихи тамаддуни ниёкони тоҷикон – ориёиҳо ба хулосае меояд, ки хостгоҳи ин тамаддун

соҳилҳои баҳри Каспий ва сарзаминҳои ҳамҷавори он буда, авҷи баланди густариши ин тамаддун ба аҳди империяи Ҳахоманишиён марбут аст. Дар робита ба ин, Шарқро гаҳвораи тамаддун меномад. Ҳамчунин, нақши тамаддуни ориёиро дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Ӯ саҳми шоҳони ҳахоманиширо дар таҳкими мақоми тамаддуни ориёӣ барҷаста медонад [32].

Донишманди дигари аврупоӣ Арнолд Тойнби ба унвони яке аз поягузорони консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих дар масъалаи ташаккул ва интишори тамаддуни ориёӣ шинохта шудааст. Ба ақидаи ӯ, дар аҳди Ҳахоманишиён ва шоҳони қудратманди он ориёиҳо дар соҳилҳои Ҷайҳуну Сайҳун ва Эрон мавқеи мустаҳкам доштанд ва тадриҷан ба Байнаннаҳрайну Ҳинд густурда шуданд [44].

Ба гурӯҳи дувум метавон осори муҳаққиқони рус ба монанди М.А. Дандамаев [82; 83; 84; 85; 86; 87; 88; 89], В.В. Струве [114; 115; 116; 117; 118; 119; 120], В.П. Орлов [72], Э.В. Рунг [74], А.С. Сапогов [75], Р.Р. Вергазов [67], И.Н. Медведская [68], М.В. Мелников [69], И.Р. Пичикян [73] ва дигаронро ворид намуд. Дар миёни тамоми муҳаққиқони хориҷии гурӯҳи дувум ҷойгоҳи осори илмии муҳаққиқи таърихи аҳди бостони халқи тоҷик М.А. Дандамаев роҷеъ ба империяи Ҳахоманишиён барҷаста мебошад. Ӯ дар таъйин ва омӯзиши аслу насаби Ҳахоманишиён, ҷанбаҳои мухталифи таърихи ташаккул ва барқарор гардидани империяи онҳо, ҷойгоҳи империяи Ҳахоманишиён дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон саҳми бузург гузоштааст.

Дар таҳқиқу омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён саҳми И.В. Пянков хеле барҷаста мебошад. Шуруъ аз солҳои 60-уми асри XX роҷеъ ба сиёсати кишваркушоии Куруши Кабир, махсусан ҳуҷум ба муқобили массагетҳои саҳрогард, таърихи ташкилёбии империяи Ҳахоманишиён, вазъи Осиёи Марказӣ дар аҳди Ҳахоманишиён, мутобиқи маълумоти Ктесий ва ҷанбаҳои умумии таърихи минтақа дар аҳди бостон таҳқиқоти арзишманде анҷом додааст.

Дар омӯзиши таърих ва лашкаркашиҳои шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ, тавсеаи ҳудуди давлати порсҳо дар давраи кишваркушоиҳои Куруши Кабир ва Дорои I ва мушаххас намудани воқеаҳои таърихии замони Ҳахоманишиён саҳми муҳаққиқи намоёни таърихи Шарқи Қадим академик В.В. Струве низ назаррас аст. Струве дар таҳқиқоти хеш ба масъалаи вазъи хшатраҳои шарқӣ

ва муборизаи мардумони Суғду Бохтар ва сакоиҳову массагетҳо ба муқобили сиёсати ҳахоманишиён таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст [114; 115; 116; 117; 118; 119; 120].

Ба гурӯҳи сеюм осори муҳаққиқони эронӣ, ба монанди Ш. Баёнӣ [28; 29], Абдулҳусайни Зарринкӯб [33; 34], М. Машкур [36], Ҳ. Пирниё [39; 40; 41], М. Ровандӣ [42; 43], Н. Бахтуртош [30], А. Баҳманиш [31], Х. Ганҷӣ [78], К. Гулшанирод [79], Ҷ. Оштиёнӣ [38], А. Накуӣ [93; 94], А. Олам [95] ва дигарон дохил мешавад.

Абдулҳусайни Зарринкӯб – адабиётшинос ва муаррихи Эрон муаллифи асарҳои зиёд оид ба таърих ва фарҳанги Эрони Бостон мебошад ва дар таҳияи рисола бештар аз ду асараш, яке таърихи мухтасар ва дигаре таърихи мукаммали Эрон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, андешаҳои ӯ дар бораи таърихи ташаккул ва устувор гардидани империяи Ҳахоманишиён арзиши баланди илмӣ доранд [33; 34].

Донишмандоне ба монанди М. Машкур [36], Ҳ. Пирниё [39; 40; 41], М. Ровандӣ [42; 43] ва дигарон дар осори худ роҷеъ ба таърихи Эрон ба паҳлуҳои мухталифи таърихи давлати порсҳо ва унсурҳои муҳимми низоми давлатдории онҳо рӯшанӣ андохтаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти Н. Бахтуртош [30], А. Баҳманиш [31], К. Гулшанирод [79], Ҷ. Оштиёнӣ [38], А. Накуӣ [93; 94], А. Олам ва А. Пурпошокосин [95] ва дигарон, ки бевосита ба таърихи ташаккул ва рушди империяи Ҳахоманишиён, сиёсати онҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони Ҳахоманишиён бахшида шудаанд, доир ба масъалаҳои дар рисола таҳқиқшуда маълумоти муфид дастрас гардид. Доир ба ҳаёт, фаъолияти давлатсозӣ ва давлатдории бунёдгузори абардавлати Ҳахоманишиён Куруши Кабир, саҳми ӯ дар пойдорсозӣ ва густариши ҳудуди империяи порсҳо олимони эронӣ – Ш. Баёнӣ [28], Ғ. Наводирӣ [37], А. Халилӣ [46], Ш. Шаҳбозӣ [48] ва дигарон таҳқиқоти ҷолиб гузаронидаанд.

Ба **гурӯҳи чорум** осори муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Б.Ғ. Ғафуров [52; 53; 54], Эмомалӣ Раҳмон [18; 19; 20; 21; 22; 23], Қ. Расулиён [96; 97; 98; 99; 100; 101; 102; 103; 104; 105; 106; 107; 108], Ҳ. Назаров [17], Н.У. Ғаффорӣ [80], Ҷ.С. Шарифзода [77; 108], Н.С. Муродов [70; 92], М. Ҳазратқулов [25; 26], Б.М. Муҳаммадзода [71] ва дигаронро ворид намудан мумкин аст. Саҳми муҳаққиқону донишмандони тоҷик дар таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди империяи Ҳахоманишиён, низоми идорӣ ва сиёсати дохилию хориҷӣ, мушаххас кардани саҳми онҳо дар рушди

тамаддун ва фарҳанги башарият бисёр арзанда мебошад. Дар саргаҳи ин таҳқиқотҳо академик Бобоҷон Ғафуров бо осори арзишманди илмии хеш қарор гирифтааст.

Дар асарҳои бунёдии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи империяи Ҳахоманишиён бо истифода аз манбаҳои муътамади таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони варзида хеле хуб баррасӣ ва таҳлил мешавад. Дар меҳвари таваҷҷуҳи Эмомалӣ Раҳмон нақш ва ҷойгоҳи Ҳахоманишиён дар рушд ва густариши тамаддуни ориёӣ қарор гирифтааст. Дар ин хусус, далелҳои зиёду раднопазире оварда мешавад, ки назари муҳаққиқро таҳким мебахшад [18; 19; 20; 21; 22; 23].

Донишманди тоҷик Қ. Расулиён нисбат ба дигарон ба омӯзиши таъриху фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Дар таҳқиқоти ӯ бештар сароғози таърихи ориёиҳо, хостгоҳ ва раванди паҳн гардидану сукунат ихтиёр намудани онҳо, умумияти таърихӣ-фарҳангии мардумони ориёитабор, ки заминаи устувори ташаккул ва рушди давлати Ҳахоманишиён гардида буд, ҳамчунин ваҳдати қабилаҳои мухталифи ориёӣ ва нақши бунёдгузори абардавлати порсҳо Куруши Кабир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [96; 97; 98; 99; 100; 101; 102; 103; 104; 105; 106; 107; 108].

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ҷ.С. Шарифзода дар робита ба шоҳаншоҳии Ҳахоминишиён пешниҳод менамояд, ки дар шароити имрӯз вобаста ба ҳар як марҳалаи рушди тамаддун ва давлатдории ниёгони тоҷикон – ориёиҳо таҳқиқоти илмии касбӣ дар шакли рисолаи номзадӣ ва докторӣ навишта шавад [77; 108].

Ҳамчунин, Б.М. Муҳаммадзода роҷеъ ба таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён таҳқиқоти махсуси илмӣ анҷом додааст, ки дар омӯзиши мавзуи диссертатсия аҳаммияти зиёд дорад. Ӯ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ низоми идории империяи Ҳахоманишиёнро баррасӣ кардааст [71].

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур зери унвони «Таърихнигории таърихи аҳди бостони халқи тоҷик» фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Тавсифи умумиии таҳқиқот ба ҷанбаҳои асосии таҳқиқ нигаронида шуда, фарогири мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, иҷрои рисолати илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, маҷмуи натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмие, ки дар давоми пешбурди фаъолияти илмӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хулосаҳои асосии илмӣ ва комилан нав ба ҳимоя манзур гардидаанд. Ҷанбаҳои асосии аҳамияти назариявӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии марҳилаҳои муҳимми раванди таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар таҳқиқоти илмӣ пурра мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадаф аз пажӯҳиши мавзуи мазкур пеш аз ҳама омӯзиши амиқу дақиқи баъзе аз вижагиҳои таърихи империяи Ҳахоманишиён бар асоси таҳлилу баррасӣ ва қиёси осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Натиҷаи ниҳоии таҳқиқи мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки баъзе масоили баҳсталаб дар заминаи манфиатҳои миллӣ рӯшану возеҳ шаванд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Тавассути пажӯҳиши масоили мубрами таърихи имеприяи Ҳахоманишиён саҳми муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар таърихнигории муосир возеҳу рӯшан шудааст. Дар асоси таҳлили маводди осори муҳаққиқон ва манбаъҳои таърихӣ вазифаҳои зайлро амри зарурӣ донистем:

– баррасӣ ва таҳқиқи масоили назариявию методологии омӯзиши таърихи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён;

– таҳлилу баррасии осори муҳаққиқон ва манобеи таърихӣ роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир ва раванди таъсиси империяи Ҳахоманишиён;

– баррасии масъалаи хусусияти низоми идории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар асоси таҳқиқоти донишмандон;

– омӯзиш ва бозтоби сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони ҳахоманишӣ дар осори муҳаққиқон;

– баррасии назари илмии муҳаққиқон роҷеъ ба махсусияти

авзои иқтисодиву иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён;

– омӯзиш ва баррасии махсусияти фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқон ва сарчашмаҳои таърихӣ.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён бар асоси осори муҳаққиқон иборат аст. Дар радифи осори муаррихон роҷеъ ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳамчунин натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мавзуи таҳқиқот аз омӯзиши масоили мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқон иборат мебошад. Махсусан, мавзуи заминаҳои ташаккули империя, шахсият ва талошҳои Куруши Кабир ба унвони бунёдгузори нахустин империя дар таърихи башар аз дидгоҳи муҳаққиқон, бозтоби сиёсати кишваркушоии шоҳони ҳахоманишӣ дар осори муҳаққиқон, унсурҳои фарҳанги ориёҳо – дину оин, забон, авомили шикасти империя ва ғайра таҳқиқу баррасӣ мегардад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи баррасишаванда асосан солҳои 2018-2025, яъне замони ба ҳайси аспиранти кафедраи таърихи халқи тоҷик фаъолият намудани муаллиф сурат гирифтааст. Дар ин давра бештари корҳоро дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДМТ, Китобхонаи миллӣ ва Маркази мероси хаттии АМИТ ба анҷом расонидааст.

Пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро сарчашмаҳои таърихии маҳфуз дар марказҳои нусахи хаттии шаҳри Душанбе, Ганҷинаи мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва адабиёти Эрони «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобхонаи Энсиклопедияи миллии тоҷик, китобхонаҳои шахсӣ, ҳамчунин, диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ, порталҳои иттилоотӣ, сомонаҳои расмии марбут ба мавзуи таҳқиқот ва маълумоти матбуоти даврӣ ташкил менамоянд.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот асосан осори хаттии таърихӣ ва ҷуғрофиёии форсӣ мебошад. Аз қабили «Авесто», «Ҷуғрофиё»-и Страбон, «Таърих»-и Ҳеродот, «Таъриху-р-русули ва-л-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ғайра истифода шуданд.

Ҳамчунин, сарчашмаҳои таърихи маҳаллӣ, ки роҷеъ ба

минтақаҳои таърихи маҳалҳои ҷудогона маълумоти тоза доранд низ ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Осори мазкур дар радифи таърихи як минтақа, доир ба омӯзиши баъзе ҳаводиси Эрону Хуросон ва Варорӯд муҳим арзёбӣ мешаванд. Маълумоти ин гуна сарчашмаҳо, маъмулан дар манобеи дигар ба назар намерасанд, ки аз ин ҷиҳат низ аҳаммияти махсус доранд.

Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот нимаи дувуми асри VI ва нимаи дувуми асри IV то милод, яъне замони ҳукумати Ҳахоманишиён (550-320)-ро фаро мегирад.

Чаҳорчӯбаи ҷуғрофии таҳқиқот ҳудуди таърихии Эрон, Шарқи Наздик, Осиёи Хурд, Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва қисман Покистону Ҳиндустонро ҳамчун қаламрави империяи Ҳахоманишиён дар бар мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори нахуст дар таърихнигории муосири тоҷик, махсусан доираи рисолаи номзадӣ, масоили мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён баррасӣ мешавад. Албатта, баъзе паҳлуҳои мавзуъ дар доираи рисолаҳои ҷудогона мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, вале дар таърихнигории муосир метавон бар асоси қиёси илмии манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баъзе масъалаҳои норӯшани ин марҳалаи муҳимми давлатдорӣ ва қудрати аҷдоди тоҷиконро таҳқиқ кард:

– масоили назарию методологии таҳқиқи таърихи империяи Ҳахоманишиён баррасӣ гардид. Муайян шуд, ки муҳаққиқон дар раванди пажӯҳиши масъалаи мазкур аз усулҳо, методҳо ва консепсияҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ истифода намудаанд. Махсусан, муаллиф дар ин раванд ба консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих бартарӣ медиҳад;

– дидгоҳи муҳаққиқон роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир ва таъсиси империяи Ҳахоманишиён мушаххас гардид. Назари даҳҳо муҳаққиқи варзидаи ватанию хориҷӣ дар муносибат ба шахсият ва давлатсозию давлатдории Куруши Кабир қиёс шуда, назари илмии мо пешниҳод шудааст;

– низоми идории империяи Ҳахоманишиён дар заминаи осори муҳаққиқони ҳирфаӣ, ки муддати мадид дар ин хусус таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд, пешниҳод шуда, вижагии сохтор, шакл ва низоми давлатдории шоҳони ҳахоманишӣ баррасӣ гардид.

– сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони Ҳахоманишиён дар асоси манобеи мавҷуда ва осори муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ

шуд. Махсусияти сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони ҳахоманишӣ, аз ҷумла Куруши Кабир, Дорюши Кабир ва Хишоёршо инъикос гардид. Муайян шуд, ки дар омӯзишу таҳлили воқеъбинонаи ин самти давлатории аҷдоди тоҷикон кадом муҳаққиқон нақши бориз гузоштаанд;

– бо истифода аз маълумоти осори таърихӣ ва натиҷаи пажӯҳиши муҳаққиқон вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён ба риштаи таҳлил кашида шуд. Мушаххас гардид, ки низоми иқтисодӣ-иҷтимоии созмондодаи шоҳони ҳахоманишӣ аз ҷониби сулолаҳои минбаъдаи ҳукумрони минтақа қабул ва идома дода шуд.

– фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқон таҳлил шуда, рӯшан гардид, ки тамоми аносири фарҳангӣ ва тамаддуни ориёӣ маҳз дар ҳамин марҳала ба авҷи олии рушд расида буд, ки барои исботи ин муаллиф вазъи адён, фарҳанги модию маънавӣ, шаҳрсозӣ, санъати тасвирӣ ва маърифати замонро мисол овардааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда: Дар асоси пажуҳиши осори муҳаққиқон ва манбаъҳои таърихӣ доир ба таърихи империяи Ҳахоманишиён ба унвони нахустин империя дар таърихи башар матлабҳои зер ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Дар асоси таҳлили осори муҳаққиқон мушаххас гардид, ки дар омӯзиш ва таҳқиқи масоили мубрами таърихи аҳди қадими халқи тоҷик, махсусан шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён бештар аз ду консепсия, яъне консепсияи марксистӣ ва консепсияи тамаддунии омӯзиш ва пажуҳиши таърих истифода шудааст. Дар робита ба ин пешниҳод менамоем, ки империяи Ҳахоманишиён маҳсули тамаддуни ориёӣ буда, ҳамчун давлати мутамаддин арзи вуҷуд намудааст. Аз нигоҳи мо дар доираи консепсияи тамаддуни таҳқиқи таърих омӯхтани ин марҳалаи муҳимми давлатдории аҷдоди тоҷикон ба манфиат аст.

2. Дар замони муосир шинохти шахсият ва эътирофи корномаи Куруши Кабир ба ҳайси асосгузори нахустин империя дар таърихи башар ва густаришбахши тамаддуни ориёӣ муҳим мебошад. Махсусан, дар раванди бунёди давлати миллӣ ва ташаккули тафаккури миллӣ муаррифии шоистаи чунин шахсиятҳо зарур аст. Месазад, ки дар мавзуи шахсият ва корномаи Куруши Кабир таҳқиқоти махсуси илмӣ дар доираи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ анҷом дода шавад. Чун осори на ҳама муҳаққиқони хориҷӣ дар ин хусус воқеъбинона

масъаларо инъикос менамоянд.

3. Натиҷаи таҳлили осори муҳаққиқон нишон медиҳад, ки Куруши Кабир ба низоми хоссаи давлатдорӣ асос гузошт, ки дар натиҷаи такмилу таҷдиди аркони идорӣ минбаъд аз ҷониби меросбаронаш ба империяи тавоно табдил ёфт. Дар таърихи башарият бори аввал чунин як сохтори муназзам ба вуҷуд оварда шуд, ки аз лиҳози ҳудуд, фарогирии ҳайати этникӣ ва гуногунии фарҳангҳо ҳамто надошт.

4. Дар замони Ҳахоманишиён ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ якранг набуда, хусусиятҳои хосси маҳаллии хешро дошт. Ҳар як минтақа, махсусан Осиёи Марказӣ, Эрон, Шарқи Наздик, Осиёи Хурд ва Миср хусусиятҳои хосси иқтисодӣ ва иҷтимоиро дошт. Вале умумиятҳо низ вуҷуд доштанд, ки дар вусъати муносибатҳои тиҷоратӣ дида мешуд. Бунёди роҳи шоҳӣ омили васли тамоми манотиқи империя гардида буд. Замони ҳукумати Ҳахоманишиёнро дар асоси тамоми далелу аснод метавон давраи ҷаҳонӣ гардидани аносири фарҳангу тамаддуни ориёӣ номид. Бори аввал дар таърихи башар дар заминаи сиёсати шоҳони ҳахоманишӣ гуфтугӯи фарҳангҳо ба миён омад. Фарҳанги ориёӣ бо фарҳанги мардумони Шарқи Наздик, Миср ва ҷанубу шарқи Аврупо омехта шуда, тамаддуни ориёӣ боз ҳам ғанӣ гардид.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро маълумоти дақиқу муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот, ташкил медиҳад. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои муносибати комилу муназзам ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо ташкил медиҳад. Усулҳои мазкур дар пайвастагӣ бо ҳам ба мо имкон дод, то масъалаҳои мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиёнро дар асоси қиёси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон аз назари таърихнигорӣ таҳлилу баррасӣ намоем. Бо таваҷҷуҳ ба равандҳои таърихӣ ва инъикоси он дар осори муаррихон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, мо имкон ёфтем, ки вижагиҳои таърихнависии ин марҳаларо нишон диҳем. Усули таҳлилӣ-

муқоисавӣ дар раванди баррасии масъалаҳои фарогири мавзуъ имкон дод, ки хулосаҳои амиқу мушаххас ироа шавад.

Ҳамчунин, истифодаи усули пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ имкон дод, ки ҳаводиси муҳимму сарнавиштсози аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна пайдарпай шарҳу тавзеҳ ёбанд.

Дар ин радиф, дар диссертатсия аз равиши омехтаи соҳавӣ низ истифода бурда шуд, зеро баъзе масоили мавзуи таҳқиқоти мо бо илмҳои бостоншиносӣ, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ, ҷуғрофиёи таърихӣ, фарҳангшиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра пайвастагии илмӣ ва мантиқӣ дорад.

Аҳаммияти назарӣ ва илмию амалии таҳқиқот ба таҳқиқи масоили мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён бар асоси осори муҳаққиқон, маълумоти манбаҳои таърихӣ ба забони форсӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони русу аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя менамояд. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили осори муҳаққиқон маводду манбаҳои таърихии форсӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди ташаккули нахустин империяи ҷаҳонӣ, тамаддуни ориёӣ, шоҳаншоҳии муқтадири Ҳахоманишиён, низоми идорӣ, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии мардумони дохили империя, омилҳои шикасту рехти империя дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо масъалаҳои мубраму баҳсноки таърихи аҳди империяи Ҳахоманишиён дар асоси осори муҳаққиқони нимаи дувуми асри XX ва ибтидои асри XXI муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки он барои рӯшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани давраи мазкур, ҳамчунин, барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумак хоҳад расонд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихи давлатдории аҳди бостонии халқи тоҷик тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни ихтисоси таърихи макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар

таҳқиқот. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон, дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ саҳмгузор мебошад. Ҳамчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқот ба банди 2 - Таърихнигории ватанӣ ва ҷаҳонӣ; методу усулҳои дониши илмии он; мактабҳои таърихнигорӣ; ҷанбаҳои ниҳодинаи илми таърих ва 4 - Истифодаи дастовардҳои илми хориҷӣ дар таърихнигории ватанӣ; таърихнигории хориҷии масъалаҳои асосии таърихи ватании шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва дар ҷаласаҳои муштараки кафедраи мазкур ва кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ муҳокима шудааст. Матлабҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пешниҳоду тавсияҳои диссертатсия дар маводди конференсияи сатҳи байнламилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баён шуда, бо забони тоҷикӣ нашр шудаанд.

Ҳамчунин, дар 7 мақолаи илмӣ, ки 4-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи маҷаллаҳои КОА-и назди Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти ҶТ ворид буда, инъикос ёфтааст.

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ инъикос шудааст. Аз ин миён 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар конфронсҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз пешгуфтор, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (234 номгӯй) мебошад.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Боби якуми диссертатсия **«Раванди таъсиси империяи Ҳахоманишиён ва бозтоби он дар осори муҳаққиқон»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум **«Масоили назариявию методологии омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён»** унвон дошта, дар он роҷеъ ба раванди ташкил ва рушди империяи Ҳахоманишиён, ки аз ҷониби ниёгони тоҷикон – ориёиҳо ташкил шуда буд, аз манобеъи зиёди таърихӣ, махсусан катибаҳои шоҳаншоҳон, солномаҳои таърихӣ, фармону асноди дафтардории ҳокимияти марказӣ ва ҳокимони маҳаллӣ, асноди ҳуқуқӣ, мукотиботи расмии мансабдорони сатҳи мухталиф, дастурамалҳои ташкили ҳокимият, асноди ҷамъоварии андозу пардохтҳои давлатӣ, асноди дигари марбут ба ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ, маълумоти таърихнигорон ва ҷуғрофиёдонони юнониву румӣ, рисолаҳои илмӣ ва мазҳабӣ ва ғайра, ки то имрӯз расидаанд, истифода мешавад. Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ бо истифодаи васеъ аз манобеи мазкур масъалаҳои мухталифи империяи Ҳахоманишиёнро таҳқиқ намуда, хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас ироа намудаанд.

Дар доираи масъалаҳои дар рисола баррасишаванда маълумоти саҳеҳ ва пуразриш дар осори Алӣ ибн Ҳусейни Масъудӣ [3], Ибни Балхӣ [2], Муҳаммад Ҷарири Табарӣ [4], Аҳмади Яъқубӣ [49], Ибни Арабӣ [1] ва дигарон пешниҳод мешавад.

Роҷеъ ба масъалаҳои мухталиф ва таърихи ташаккулу мақоми мансабдорони ҷудогона дар низоми идории империяи Ҳахоманишиён, робитаҳо бо мамолики ҳамҷавор, авзои иҷтимоӣ ва мақому манзалати аъёну ашрофи қабилаҳои порс ва дигар ҷанбаҳои таърихи ҳукмронии Ҳахоманишиён таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Тоҷикистон, Эрон, Русия ва дигар кишварҳо навишта шудаанд, ки бештар моҳияти таърихнигорӣ ва омӯзиши афкори фарҳангӣ доштаанд ва дар таҳияи рисолаи диссертатсионии Р.Р. Вергазов [67], И.Н. Медведская [68], М.В. Мелников [69], В.П. Орлов [72], И.Р. Пичикян [73], Э.В. Рунг [74], А.С. Сапогов [75] мавриди истифода қарор гирифтанд. Осори муҳаққиқони мазкур низ бо истифода аз методҳои таҳқиқоти тамаддунӣ ва марксистии таърих нигошта шудаанд, ки омӯзиш ва истифодаи онҳо дар айни замон ба манфиат мебошад. Бартарии осори муҳаққиқони мазкур дар он аст, ки натиҷаи бевоситаи таҳқиқоти илмиашон буда, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ навиштаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки пажӯҳиши аксари

муҳаққиқони аврупоӣ дар доираи консепсияи тамаддунии таҳқиқоти таърих сурат гирифтааст.

Муҳаққиқони аврупоӣ нахустин шуда, роҷеъ ба таърихи империяи Ҳахоманишиён пажӯҳиши мукаммалу мушаххасе анҷом дода, дар ин радиф ҷойгоҳи таъриху тамаддуни Эрони бостонро дар таърихи башар, тавассути овардани мисолу мадракҳо нишон додаанд. Дар ин хусус, метавон осори Р. Гиршман [62; 63], В. Дюрант [32], У. Куликан [9], Масперо [10], А. Олмстед [65], А. Тойнби [44], К. Хавер [45], Р.Н. Шарп [47] ва дигаронро дохил намуд. Муҳаққиқони мазкур осори бунёдӣ ва таҳқиқиеро рӯи кор оварданд, ки имрӯз аз ҷониби муаррихони ватанӣ ба таври васеъ истифода мешавад.

Донишмандон ва муҳаққиқон ба монанди М. Машкур [36], Ҳ. Пирниё [39; 40; 41], М. Ровандӣ [42; 43], Р. Шаъбонӣ [13] ва дигарон дар осори худ роҷеъ ба таърихи Эрон ба паҳлуҳои мухталифи таърихи давлати порсҳо ва унсурҳои муҳимми низоми давлатдории онҳо рӯшанӣ андохтаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти Н. Бахтуртош [30], А. Баҳманиш [31], Х. Ганҷӣ [78], К. Гулшанирод [79], Ғ. Ҷаводӣ [7], Ҷ. Оштиёнӣ [38], А. Накуӣ [93; 94], А. Олам ва А. Пурпошокосин [95], Ш. Баёнӣ [28; 29], Ғ. Наводирӣ [37], А. Халилӣ [46] ва дигарон, ки бевосита ба таърихи ташаккул ва рушди империяи Ҳахоманишиён, сиёсати онҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони Ҳахоманишиён бахшида шудаанд, доир ба масъалаҳои дар рисола таҳқиқшуда маълумоти муфид дастрас гардид.

Дар баробари ин, барои рӯшанӣ андохтан ба масоили мухталиф ва марҳалаҳои рушди империяи Ҳахоманишиён, мақоми аввалин давлатдориҳои халқи тоҷик дар таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ, аҳаммияти омӯзиши таъриху фарҳанг ва арзишу анъанаҳои давлатдориҳои тоҷик дар тарбияи насли наврас, эҳёи арзишҳо ва боло бурдани ифтихори миллии мардуми тоҷик осори таълифнамудаи саркори давлати тоҷикон аҳаммияти калони сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ доранд [18; 19; 20; 21; 22; 23]. Саркори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути осори мондагораш ба консепсияи нави таҳқиқоти таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик асос гузошт, ки барои решаёбии манфиатҳои миллии тоҷикон аҳаммияти хос дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар осораш ба хотири тақвияти худшиносии миллӣ бештар ба зарурати пажӯҳиши амиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони тоҷикон, махсусан омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён таъкид

менамояд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ то имрӯз дар асоси таҳлилу баррасии сарчашмаҳои таърихӣ ва ахбори муаррихони аҳди бостон дар доираи консепсияҳои мухталифи таҳқиқоти таърихӣ, таърихи империяи Ҳахоманишиёнро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Дар айни замон наметавон ба ин ё он асари илмии муҳаққиқон баҳои сирф мусбӣ ва ё манфӣ дод. То ҳол бисёр масъалаҳое мебошанд, ки миёни муҳаққиқон баҳсбарангез буда, ба таҳқиқоти махсуси илмӣ ниёз доранд. Мутаассиофона аз муҳаққиқони ватанӣ роҷеъ ба мавзуи мазкур ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам имрӯз касе ба таҳқиқоти махсуси ин марҳалаи мубрами таърихи миллат ручуъ накардааст.

Муҳаққиқон аз усул ва методологияи ба худ хос истифода намудаанд, ки таҳлилу омӯзиши ҳамаи он ба манфиати таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Дар раванди омӯзиш ва таҳлили мавзуъ аз нуқтаи назари таърихнигорӣ осори муҳаққиқони аврупоӣ, амрикоӣ, шуравӣ, рус, эронӣ ва ватанӣ бештар истифода шудаанд. Ба ақидаи инҷониб, мавзуи мавриди баррасишавандаро дар заминаи консепсияи ягонаи таҳқиқи таърих омӯхтан ғайриимкон мебошад. Вале дар ин раванд ба консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих бештар бартарӣ додаем, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои таҳқиқшаванда ошкор мегардад. Маҳз истифодаи самараноки консепсияи тамаддунии таҳқиқ ва омӯзиши таърих имкон медиҳад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ аз назари манфиатҳои миллӣ баррасӣ гардад. Бо дарназардошти он ки аҷдоди тоҷикон, махсусан Ҳахоманишиён тамаддунофар буданду ба тамаддун ва фарҳанги башарӣ арзишҳои зиёде эҳдо намудаанд, ба назари мо дар доираи консепсияи мазкур мавриди пажӯҳиш қарор додани масъала ба манфиат мебошад.

Зербоби дувум **«Дидгоҳи муҳаққиқон роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир ва таъсиси империяи Ҳахоманишиён»** ном дошта, таъкид мегардад, ки Куруш бо ташкили империяи бузург, низоми хосса ва нави давлатдорӣ, сиёсати кишваркушоӣ, ба ҳам овардани ақвоми ориёӣ дар як марказ ва пойдории адолату пуштибонӣ аз ҳуқуқи инсон дар таърихи умумиҷаҳонӣ нақши барҷаста гузоштааст.

Дар хусуси дурандеш будани Куруши Кабир профессор Қ. Расулиён чунин иброз намудааст: «Куруш пас аз тасхири Бобул ба тахти подшоҳӣ нишаст ва динҳои мардуми бумиро озод намуд. Барои ҷалби муҳаббати мардум худои бузурги Бобул Мардукро ба

расмият шинохт ва ниёиш кард. Ин аст, ки дар китоби муқаддаси яҳудиён «Таврот» Куруш фиристодаи ҳазрати Мӯсо дарҷ шудааст» [105, с. 547].

Куруши Кабир дар давлатдории ҷаҳони қадим як инқилоби бузурги ахлоқӣ ва маънавӣ ба вуҷуд овард, ки ҳамкорӣ ва ҳамзистии халқҳои узви шоҳаншоҳии Эрон мисоли равшани он аст. Бар хилофи гузашта, Куруши Кабир ҷомеаеро ташкил дод, ки ҳукмронии қавми ғолиб бар мағлуб асоси ҳукмрониро ташкил намедод. Баръакс, вай ҷомеаеро ташкил медиҳад, ки ба ҷои сӯзондану оташ задан, ба хок яксон намудани шаҳрҳо ва куштори (қатли ом) халқҳои мағлуб ва валангор кардани ибодатгоҳҳо, бештар бар мағлубин раҳму шафқат оварда ва онҳоро дар камоли сулҳу сафо ба ҳоли худ раҳо кард ва озодии комил медиҳад, ки то худойро ба тарзи дилхоҳ ва маъмули худ парастиш кунанд. Соли 537 Куруши Кабир, пас аз ворид шудан ба Бобул, чунин ҷамоаро бо фармони махсуси худ амалӣ мегардонад.

Академик Б. Ғафуров, ки дар миёни муҳаққиқони ватанӣ дар саргаҳи таҳқиқоти таърихи давлатдории аҳди бостонии ниёгони тоҷикон қарор дорад, баъд аз омӯзиши масъалаи мазкур тазаккур додааст, ки Куруш дар фаъолияти хеш ба сифати шоҳе баромад намуд, ки ифодакунандаи бисёр тамоюлҳои пешқадами даврони худ буд [17, с. 77].

Ҳангоми подшоҳии Куруш эрониён озодӣ доштанд ва ҳама мардони озод буданд. Ва ҳамчунин сарвату фармонравоёни бисёре аз мардумони дигар низ буданд. Фармонравоён раъиятҳои худро дар озодӣ саҳим (шарик) карда буданд. Чун сарбозону сардорон ҳамаро ба як чашм медиданд. Ва ҳама ба баробарӣ рафтор мекарданд. Ин буд, ки лашкар аз ҳар лиҳоз пешрафт ва бузург шуд. Зеро (шаҳрвандон) озодӣ доштанд ва дар миёни онон муҳаббат буд ва нисбат ба ҳам ҳисси хешвандӣ мекарданд.

Мо дар импературии Эрон як ваҳдати холис ва тараққиёфтае меёбем. Ваҳдате, ки бар афрод (шахсҳо) ҳукумат намекунад, магар барои он, ки онҳоро барангезад (водор кунад) то барои худашон нерӯе (қуввае лозим) касб кунад ва шахсияти хоси худро тавсиа (тараққӣ) бахшад. Дар Эрон дар воқеъ рӯҳ шурӯъ ба муқобила (мубориза) бо табиат мекунад. Дар императории Эрон аввалин бор ҳукумат аз табиат ҷудо мешавад. Бинобар ин, императорӣ бартар аз иҷтимоиест, ки дар табиат ғута мехӯранд. Ва бадин тариқ аст, ки пешрафт ва тараққӣ аз қайду банд озод мешавад ва рӯҳ болу пар мегирад ва дар камоли худ мепардозад. Барои

ҳамин ҳам мо мебинем, ки дар импературии Эрон миллатҳо ва қавмҳои гуногун ба сурати ғулом ва бандӣ дарнаёмада, балки сарвати онҳо ва қонуни асосии онҳо ва дини онҳо ҳамчунон барои онҳо боқӣ гузошта шудааст ва иттифоқан заъфии импературии Эрон дар муқобили Юнон дар ҳамин ҷост. Зеро эрониён императории худро ба сурати як созмони комил ва ягона насохтанд ва ташкилоту усул ва мӯътакидати худро маҷбури кишварҳои забт ва мағулубшуда накарданд, ва онҳоро ба сурати як воҳиди ҷомеъ ва комил надароварданд, балки импературии онҳо маҷмӯе аз инфиродияти (танҳо ба танҳои) ба ҳадди аъло мутановеъ ва гуногун буд. Мусаллам аст, ки Эрон сарчашма ва қонуни (асоси) як гурӯҳи комилан наве дар усули кишвардории ҷаҳон шуд, ки баъдҳо бисёр империяҳо ба ӯ паёравӣ кардаанд. То ҳадде, ки Искандари Мақдуниро эрониён ба сурати подшоҳи эронӣ даровардаанд.

Набарду амалҳои Куруши Кабир номи ӯ ва Эронро бениҳоят машҳур гардонд. Аввалан, ӯ дар замони худ бузургтарин давлати ҷаҳониро чи дар фарогирии ҳудуд ва чи халқиятҳои гуногун, дину мазҳаб, тамаддуни гуногун ва ҳатто қитъаҳои гуногун бунёдгузорӣ карда буд. Сониян, ӯ асосгузори давлати бо низоми ба ҳамкории халқу забонҳо, дину мазҳабҳо, маданияту тамаддунҳо асосёфта ба шумор мерафт.

Ҳамин тавр, аз таҳлили осори муҳаққиқон бармеояд, ки Куруш воқеан одамшиносу инсондӯст буд ва шахсони лаёқатмандеро, ки ба ӯ содиқона хидмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод.

Дар асоси таҳқиқи осори муҳаққиқон ва баррасии сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан маълумоти катибаҳо ва муаррихони аҳди бостон пешниҳод менамоем, ки роҷеъ ба шахсияти сиёсии Куруши Кабир ҳамчун бунёдгузори нахустин империя дар таърихи башар таҳқиқоти махсуси илмӣ дар доираи рисолаи номзадӣ ва докторӣ сурат гирад. Чун шоҳиди он ҳастем, ки он чеҳраҳои сиёсии дигар халқҳо, ки ҳадди ақал нисф аз хадамоти Курушро дар таърихи башар ичро накардаанд, дар хусусашон рисолаҳои махсуси илмӣ дифоъ гардидааст.

Боби дувум **«Низоми идорӣ ва вазъи сиёсии империяи ҳахоманишиён дар таҳқиқоти муҳаққиқон»** фарогири ду масъалаи мубрам мебошад.

Зербоби якуми боб **«Низоми идории империяи Ҳахоманишиён дар таҳқиқоти муҳаққиқон»** ном дошта, фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи давлатдории аҳди бостони

халқи тоҷик, ки диққати аксар муҳаққиқонро ҷалб намудааст, низоми идории империяи Ҳахоманишиён мебошад. То имрӯз дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муҳаққиқони варзидае роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин миён муҳаққиқони аврупоӣ, шуравӣ ва ватанӣ осореро таълиф намудаанд, ки натиҷаи таҳқиқоти қариб сад соли охир мебошад. Руҷӯи муҳаққиқони ватанӣ дар ин хусус хеле камшумор ба назар мерасад.

Аз манобеъи таърихӣ ва осори муҳаққиқон бармеояд, ки Ҳахоманишиён империяи бузургро ташкил дода, қаламрави он дар ғарб аз Мисру Ливия, соҳилҳои баҳри Эгей ва дар шарқ то Ҳинду сарҳади Чинро дар бар мегирифт.

Ҳахоманишиён давлати ғуломдории классикии Осиёи Марказӣ буда, анъанаҳои давлатдории ҳамсоягон ва миллии худро васеъ истифода бурданд ва ба ҷаҳони тамаддун бо маърифати давлдатдорӣ таъсири худро расонданд. Аз ин рӯ, баёни ин сохтор аҳамияти таълимӣ, илмӣ ва назариявиро ҳам дорост. Сохтори давлатдории Ҳахоманишиён бештар дар заминаи анъанаи модҳо ва форсҳое, ки ориёӣ буданд ташаккул ёфт. Давлатро шоҳ идора мекард. Ҳокимони модӣ ва ориёӣ худро чунин меномиданд. Вале аз даврои Куриши Кабир - унвони шоҳи ориёӣ ғайри ориёӣ ва аз аҳди Дорои 1 сар карда шоҳаншоҳии ориёӣ ва ғайри ориёӣ пайдо шуданд. Тариқи тоҷгузорӣ ва ба тахт нишастани шоҳони Ҳахоманишӣ бештар ба анъанаҳои ориёӣ такя мекард.

Эмомалӣ Раҳмон сохти сиёсии империяи Ҳахоманишиёнро чунин нишон медиҳад: «ҳокимияти олӣ дар дасти шоҳаншоҳ буд. Танҳо авлоди Ҳахоманишиён ҳуқуқ доштанд ба тахти шоҳӣ нишинанд. Ҳокимияти подшоҳӣ меросӣ буда, аз падар ба писар мегузашт. Дар сурати писар надоштани шоҳ тахтро метавонист намояндаи дигари авлоди Ҳахоманишиён ишғол намояд. Бо вуҷуди меросӣ будани ҳокимият шоҳаншоҳро амалан ашрофу аъёни бонуфузи дарбор аз байни ворисон қаблан интихоб мекарданд. Баъд аз ин маросими расмии ба тахтнишинии шоҳаншоҳ мувофиқи қоидаҳои мавҷуда иҷро карда мешуд. Маросими ба тахти салтанатӣ нишастан дар ватани Ҳахоманишиён дар Посоргод мегузашт» [20, с. 127].

Аз осори муҳаққиқон ва таҳлили манбаъҳои таърихӣ бармеояд, ки мансаби шоҳ меросӣ буда, ин чунин тартиб тавассути ниҳоди махсус -валиаҳд ва шоҳзодаҳо ба сари тахт меомаданд. Ҳуқуқи таъин ва ё эълон кардани валиаҳдро танҳо шоҳ дошт. Дар ҳоле, ки шоҳ қабл аз эълон кардани валиаҳд мефавтид ё қатл карда

мешуд, аз рӯи анъана аввал писари калониаш, агар писар надошта бошад, бародараш, агар бародар надошта бошад писарони яке аз хоҳарони калониашро шурои дарбор шоҳ таъин мекард. Чунин ҳолатҳо низ рух медод, ки дар баъзе мавридҳо ворис нею балки шахси пурзӯртаре аз ин оила ба мансаби шоҳӣ мерасид. Аммо аксаран ворисон ин мансабро ишғол кардаанд. Шоҳ ҳуқуқи бе маҳдуди сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва судиро дар дасти худ нигоҳ медошт. Дар назди шоҳ шӯро - анҷамана амал мекард, вале ваколати ӯ аз маслиҳат ва тавсия додан иборат буду бас. Фаъолияти пурраи анҷамана ба мо маълум нест. Дарбори шоҳ аз хешу табораш таркиб меёфт.

Пас аз шоҳаншоҳ ҳазорпат дар мақоми дувум қарор дошт. Ҳазорпат сардори ҳокимияти иҷроия буда, раванди фаъолияти ҳамаи мансабдорони давлатиро назорат мекард. Дар маҷмуъ, ӯ вазифаи вазирро иҷро мекард. Ҳазорпат, ҳамчунин сардори навкарони махсуси шоҳ буда, дар ҳолатҳои ҷангӣ вазифаи сарлашкарро низ иҷро менамуд.

Муҳаққиқи тоҷик М. Ҳазратқулов зимни баррасии низоми идории империяи Ҳахоманишиён чунин тазаккур додааст: «Дар давраи Ҳахоманишиён, чун дар саросари таърихи Шарқи Миёна, ҳокимияти шоҳ шакли табиии ҳукумат маҳсуб мешуд. Шаҳриёрони ҳахоманишӣ шоҳони мустабиде буданд, ки тамоми қудрату сиёсатро дар даст ва ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳукми раво доштанд» [26, с. 180].

Дар ин ҷо дуруст аст, ки идораи империя бе мутаммарказ намудани тамоми манотиқи он ғайримкон мебошад. Яъне шоҳони ҳахоманишӣ аз Куруши Кабир сар карда то Доро ва Хишоёршо приниспи асосии фаъолияти сиёсиашон пеш аз ҳама мутаммарказият буд, ки аз ӯҳдаи татбиқи он ба хубӣ баромаданд. Албатта, барои идора намудани чунин як ҳудуди хеле бузург, ки дар се қитъаи олам доман паҳн карда буд, низоми мутаммарказу муназзами идорӣ лозим аст, ки ин хусусиятро мо дар империяи Ҳахоманишиён ва сиёсати шоҳони тавонои он мушоҳида карда метавонем. Вале бо он ки ба назари М. Ҳазратқулов Ҳахоманишиён низоми истибдодӣ ташкил намуданд, розӣ шудан ғайримкон мебошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ низоми идории Ҳахоманишиёнро дар муқоиса ба дигар давлатҳои аҳди бостон то асрҳои миёна истибдодӣ номидан қобили қабул нест. Чун бунёдгузори ин империяи мутамаддин санадеро таҳия ва пешниҳод намуд, ки дар таърихи башар бори нахуст дар бораи баробарҳуқуқии тамоми афроди ҷомеа новобаста аз баромади этникӣ, динӣ ва

иҷтимоӣ маҳсуб меёфт. Мо дар ҳеҷ давлати дигари аҳди бостон ва асрҳои миёнаи на Аврупо ва на Осиё чунин падидаеро мушоҳида карда наметавонем. Бинобар ин, шоҳони ҳахоманишӣ низоми идориеро роҳандозӣ намуданд, ки дар меҳвари он мутаммарказӣ ва суботу осоиштагии ҷомеа қарор дошт.

Ба назари ин ҷониб низоми хоссаи ташаккулдодаи шоҳони ҳахоманишӣ дар таърихи дунёи қадим назире надошта, нахустин буд. Маҳз ҳамин низоми густурда ва бар пояи тамаддуну фарҳанги инсонӣ бунёдшуда сабаб шуд, ки минбаъд сиёсатмадорони мухталиф дар пайравӣ аз онҳо фаъолият намоянд. Куруш ва аксари меросбаронаш бештар бар пояи тамаддун давлатсозӣ намуда, ба арзишҳои қавмӣ, динӣ ва иҷтимоӣ дар қаламрави империя арҷгузорӣ менамуданд. Ҳамин арҷгузориҳо буд, ки халқу қавмҳои зиёде дар ҳайати империя ба ҳам омада, ба тамаддун ва фарҳанги башарӣ асос гузоштанд. Нахустин маротиба гуфтугӯи фарҳангҳои мардумони зиёде новобаста аз дину мазҳаб ва баромади этникӣ ба амал омад.

Ҳамин тавр, дар асоси манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоҳони ҳахоманишӣ аз Куруши Кабир сар карда низоми хоссаи идораи давлатиеро ҷорӣ намуданд, ки бо муназзамӣ ва устувории худ дар дунёи қадим ҳамтое надошт. Маҳз ҳамин низоми хоссаи давлатдорӣ сабаб шуд, ки доираи сиёсати шоҳон густариш ёфта, дар се қитъаи олам қавми ориёӣ парчами худро парафшон намояд. Ҳахоманишиён бо эҷоди низоми муназзами идорӣ дар таърихи башар нахустин маротиба ба империяе бунёд гузоштанд, ки зиёда аз ҳафтод халқу миллатҳоро муттаҳид менамуд. Яке аз вижагиҳои низоми эҷоднамудани онҳо дар он ифода меёфт, ки баъзе арзишҳои давлати дунявӣ ва демократӣ ташаккул ёфта буд. Озодии виҷдон ва баробарҳуқуқии тамоми мардуми империя, ки дар Устувонаи Куруши Кабир дарҷ шудааст, аз эътироф ва татбиқи арзишҳои умумиинсонӣ хабар медиҳад. Ин усули хоссаи низоми идорӣ таваҷҷуҳи садҳо муҳаққиқону ҳаводорони таъриху тамаддуни аҷдоди тоҷикон – ориёиҳоро ҷалб намудааст.

Зербоби дувум **«Инъикоси сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони ҳахоманишӣ дар осори муҳаққиқон»** ном дошта, фарогири ду масъала мебошад. Муҳаққиқону таърихнигорон дар радифи масъалаҳои дигари таърихи империяи Ҳахоманишиён роҷеъ ба сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Ин масъала диққати аксар муҳаққиқони пажӯҳишгари таърихи аҳди Шарқи Қадимро ҷалб

намудааст. Бояд гуфт, ки «Шоҳони Ҳахоманишиён низоми мукаммали давлатиеро созмон доданданд, ки заминаи сиёсати дурусту муваффақи дохилӣ ва хориҷиро гузошта буд. Дар сиёсати хориҷӣ Ҳахоманишиён фаъол буда, бо аксар кишварҳои дунёи қадим муносибатҳои самаранок роҳандозӣ кардаанд. Дар мавриди равобити Ҳахоманишиён бо мегаполисҳои Юнон ба ҷуз аз майдонҳои набард, иртибот миёни намояндагони ду ҷониб дар қолаби расму оин ва одоби дипломатӣ низ мавҷуд буд, ки дар эроншиносӣ ва таърихи дипломатияи мардуми ориёитабор камтар баррасӣ шудааст. Одобу оинҳои дипломатӣ аз нишондодҳои сатҳи фарҳанг ва сарвати ахлоқии кишварҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ маҳсуб мешавад» [3-М, с. 112-113].

Албатта, дар таърихи дунёи қадим ҳодисаҳои вайронкунии ин ҳуқуқи сафирон ва таҷовуз бар ҳаёти онҳо низ зиёд рух додаанд. Таърихи муносибатҳои дипломатии Эрон ва давлатшаҳрҳои Юнон бар равобити динамикии дарбори эронӣ ва шаҳрҳои гуногуни юнонӣ асос ёфта буд. Дар маъхазҳои таърихӣ зарурати таваҷҷуҳ ва ғамхории шоҳон ба фиристодагон зикр шудааст. Ҳеродот дар китоби таърихии худ аз кушта шудани сафирони шоҳ Дориюш аз ҷониби афинагиҳо ва спартаниҳо ёдовар шуда, гуфтааст, ки дар замони Хишоёршоҳ мардуми (сарзамини Спарта) бо кадом сабабе аз ин кирдори худ пушаймон шуданд ва ду писари калонии Лакедемон - раиси Спартаро интихоб карданд, то ки онҳо ба дарбори шоҳаншоҳи Форс бираванд ва барои сафорати он рафтори манҳус нисбати сафирони эронӣ, сари худро ба шамшери ӯ пешниҳод кунанд. Аммо вақте ки ин ду ба дарбор расиданд, Хишоёршоҳ ин дархостро саховатмандона рад кард ва гуфт: «Ин кирдор аз мардуми Спарта қасос нахоҳад гирифт, зеро онҳо бо кushтани сафирони Форс тамоми қонунҳои инсониро поймол карданд ва ман на он чиро, ки худ инкор мекунам, ба ҷо меоварам ва на бо кushтани шумо азоби виҷдони мардуматонро осуда хоҳам сохт» [66, с. 134-136].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дипломатия интихоби сафири муносиб ва қобилиятнок аст. Фирдавсӣ хислатҳои фиристодаи муносибро номбар карда, ба ӯ сифатҳои зиракӣ, ҳушёрӣ, сухангӯӣ, беғаразӣ, донишмандӣ, кордонӣ, ботаҷрибагӣ ва масъулиятшиносиро нисбат додааст.

Сафирон ва фиристодагон дар дарбори Ҳахоманишиён аз миёни мансабдорони воломақом интихоб шуда, қудрати бузург доштанд, то ба дараҷае, ки дарбориён, маликаҳо ва шоҳзодагону

шоҳдухтарон (якҷоя бо ходимони онҳо), ҳамчунин сафирон, ки дар саросари империя сафар мекарданд, баъзан метавонистанд ваколати намояндагии ҳокимияти подшоҳро аз номи ӯ дошта бошанд. Дар воқеъ, баъзе ходимони дарбор, тарҷумонҳо ва агентҳои махсус (бо номи котибони шоҳӣ), ҳамчунин сафирон аз унсурҳои асосии бюрократия (девонсолорӣ)-и амалдорони дарборӣ буданд. Ҳуҷҷатҳое аз ин давра боқӣ мондаанд, ки робитаҳои мунтазами байни фиристодагони дарбор ва кишварҳои зердастро нишон медиҳанд. Масалан, мукотиботи Аршом сатрапи Миср (солҳои 454–406 то милод) ва дарбори шоҳии Эрон дар ибтидои асри чоруми то милод нишон медиҳад, ки ашрофи дарборӣ, ки дар хидмати дарбор буданд, ҳатто замони дар дарбори шоҳаншоҳӣ ҳузур надоштанашон иртиботи худро бо ҳукумати марказӣ пайваста идома медодаанд [35, с. 94-95].

Ҳамин тавр, сиёсати хориҷии империяи Ҳахоманишиён дар замони ҳукумати Куруши Кабир ва Дорюши Кабир густариш ёфта, хадамоти дипломатӣ дар ҳоли рушд қарор дошт. Шоҳони ҳахоманишӣ ҳамчун дипломати моҳир дар танзими сиёсати хориҷӣ ба муваффақиятҳои зиёде ноил гардида буданд.

Бояд иброз дошт, ки яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҳахоманишиёнро кишваркушоӣ ва густариши нуфузи империя ташкил медод. Ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ ба ҳайати Бохтар ва Суғд дохил мешуд.

Дар маҷмуъ, шоҳони ҳахоманишӣ халқу миллатҳо ва манотиқи зиёдро тобеъ намуда, барои рушд ва таъсири мутақобилаи фарҳанги онҳо шароити мусоид фароҳам оварданд. Онҳо амнияти роҳҳоро таъмин карда, барои инкишофи савдои минтақаҳои байни Шарқу Ғарб шароити мусоид ба вуҷуд оварданд.

Ҳамин тавр, аксари муҳаққиқони таҳқиқгари аҳди бостон сиёсати хориҷии шоҳони ҳахоманиширо дар муносибат ба дигар халқҳо мусбӣ арзёбӣ намуда, онро яке аз нахустин империяҳои мутамаддин дар таърихи башар номидаанд. Онҳо сиёсатеро дар муносибат ба халқҳои ғайриориёӣ ҷорӣ намуданд, ки боиси ташаккул ва рушди гуфтугӯи тамаддун ва фарҳангҳо шуд. Ҳамчунин, шоҳони ҳахоманишӣ барои мардумони ориёӣ хидмати шоён ва таърихиро анҷом додаанд. Онҳо муттаҳидсозии ақвоми ориёиро, ки модҳо сар карда буданд, идома бахшида, ба марҳалаи нав расониданд. Ҳахоманишиён ақвоми ориётабори Осиёи Марказӣ, Эрон ва Шарқи Наздикро дар ҳайати як империя ба ҳам оварда, барои ташаккули мардум ва фарҳанги муштараки ориёӣ

замина фароҳам оварданд. Маҳз ҳамин буд, ки минбаъд аксарияти кулли ориёиҳои минтақаҳои номбаршуда анъанаҳои ориёиҳои қадимро идома ва такмил доданд. Маҳз сиёсати таҳаммулпазирӣ ва дурандешонаи аксари шоҳони ҳахоманишӣ сабаб шуд, ки фазои мусоиде баҳри ташаккулу рушди тамаддун ва фарҳанги ҳамаи халққои тобеи империя фароҳам омада буд. Куруши Кабир ва меросбарони шоистаи ӯ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ як навъ модели нави равобит ва арҷгузорӣ ба ҳақу ҳуқуқи халққои тобеъро ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд фазои муосидеро баҳри наздик шудани мардумони дорои фарҳангу тамаддуни мухталиф дошта фароҳам овард. Онҳо дар амал чораҳои зиёдеро татбиқ намуданд, ки мардумони зиёдеро бори аввал дар таърих новобаста аз забон, дину оин ва мавқеи ҷуғрофӣ дар доираи як сиёсат ба ҳам овард.

Боби сеюми диссертатсия **«Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии империяи ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боб **«Вазъи иқтисодиву иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён аз нигоҳи муҳаққиқон»** ном дошта, зикр мешавад, ки роҷеъ ба низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён аз ҳама беҳтар муҳаққиқони шуравӣ М.А. Дандамаев ва В. Луконин таҳқиқоти арзшманд анҷом додаанд [6, с. 415]. Ҳамчунин, дар осори И.П. Вайнберг, И.М. Дяконов, Б.Ғ. Ғафуров, В.М. Массон ва дигарон масъалаи мазкур мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор мегирад. Таҳлили осори муҳаққиқон нишон медиҳад, ки низоми иҷтимоию иқтисодии империяи Ҳахоманишиён ягона набуда, хусусиятҳои хоси худро дошт.

Бино ба натиҷаи таҳқиқи М. Ҳазратқулов: «Сохтори табақотии давлати ҳахоманишӣ аз наҷибону ашрофон, ҷанговарон, пешоварон ё худ ҳунармандон ва деҳқонону барзгарон иборат буд. Табақаи ашроф пеш аз ҳама, ҳамон асилзодагони Форс буданд, ки Доро онҳоро дар сатрапҳои гуногун ҳамчун намояндаи худ таъйин менамуд. Ба ҳайати ашрофон феодалҳои бузург ва машваратчиёну наздикони шоҳ низ дохил мешуданд. Онҳо аз имтиёзҳои хос бархурдор буданд» [26, с. 189].

Аз натиҷаи таҳлилу баррасии осори муҳаққиқон ва сарчашамаҳои аҳди бостон бармеояд, ки табақаи рӯҳониён нисбат ба давраи баъдина, яъне Ашкониёну Сосониён дар аҳди Ҳахоманишиён мақомашон он қадар устувор набуд. Махсусан, дар аҳди Куруш ва Доро қариб, ки рӯҳониён нуфузе надоштанд. Танҳо

дар маросимҳои динӣ ширкат намуда, ҳамчунин ба фаъолияти пизишкӣ низ машғул буданд. Аз ин бармеояд, ки ҳоло мақоми дини заруштӣ дар Эрони аҳди ҳахоманишӣ то ҷое таҳким наёфта буд.

Дар ин хусус Эҳсон Табарӣ чунин тазаккур медиҳад: «басти фалоҳат ва боғдорӣ, истихроҷи маъданиёт монанди оҳану тиллову нуқра, истифода аз чарху ароба, иртиботи ақвоми кӯчанда ва ораманда, густариши бозаргонӣ ва ривоҷи сиккаи пул буғранҷтар шуда, тақсими кор дар санъату кишоварзӣ, даст ба даст шудани таҷоруби маданиятҳо, давлатҳо ва қавмиятҳо ва ғайра таҳаққуқ ёфтааст. Дар ин даврон улгуи он ҷомеъаҳое, ки тобеъи як ҳокимияти мутаммаркази дорои системаи муназзами хироҷҳо ва аворизи мухталиф аз кишоварзӣ, саноеъ, банодир, роҳҳо ва ғайра ба шакли рушдёфтае дар Эрон падид мешавад. Ин улгу дар ҳудуди умдаи худ ҳазорон сол дар кишвари мо поянда аст. Империяи Ҳахоманишиён аз ҷиҳати сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии худ бо гуногунрангиаш фарқ мекард» [26, с. 181].

Шоҳони ҳахоманишӣ ба низоми обёрӣ ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ диққати махсус медоданд. Зимни баррасии ин масъала М. Ҳазратқулов менависад, ки: «Баробари рушду инкишофи кишоварзӣ сохтану эҳдос намудани системаҳои обёрӣ ва кофтани каналу ҷӯйборҳо ба роҳ монда шуданд. Камбуди об дар замони Ҳахоманишиён то андозае ҳал гардид ва обёрӣ аз дарёҳо, чашмаҳои кӯҳӣ, чоҳҳо ва коризҳо ба роҳ монда шуд. Заминҳои барои низомиён ҷудошуда ба таври коллективӣ коркард мешуданд. Аз меҳнати асирон дар соҳаҳои гунгонуи кишоварзӣ ва маишӣ истифода мебурданд. Онҳо бо вучуди асир буданашон ҳуқуқҳои зиёде доштанд ва дар умури иҷтимоӣ аз ҳуқуқҳои баробар бо дигарон бархӯрдор буданд» [26, с. 182].

Дар усули идоракунии хидматчиёни хонадони шоҳӣ дар аҳди Хишоёршо тағйироти назаррас ба амал омад. Ба хидматчиёни хонадони шоҳӣ музди нисбатан баланд пардохт мешуд, ки чанд маротиба аз музди меҳнати бозори озоди меҳнат дар кишварҳои ҳамсоя зиёдтар буд. Дар натиҷа коргарони Тахти Ҷамшед мавқеи махсусро соҳиб шуданд, зеро онҳо қасрҳои шоҳиро месохтанд ва аксари онҳо ҳунармандони моҳир буданд. Ин бешубҳа коргаронро водор мекард, ки ба миқдор ва сифати кор, ҳамчунин натиҷаи меҳнати худ таваҷҷуҳ дошта бошанд [52, с. 192].

Сарчашмаи асосии даромади давлат андоз буд. Иқтидори иқтисодӣ, ҳарбӣ, некӯаҳволии аҳолӣ ва мавқеи сиёсии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин соҳа вобаста мебошад. Ин нуктаро на танҳо

иқтисодчиёни имрӯза, балки маъмурони давлатии давраи қадим низ хуб мефаҳмиданд ва барои инкишофи он саъй менамуданд.

Бояд гуфт, ки қабл аз Дорои I дар империяи Ҳахоманишиён андоз ситонида намешуд, дар ҳоле ки дар байни бобулиён, ошшуриён ва модҳо ҷамъоварии андоз аз вазифаи муҳимми маъмурияти шоҳӣ маҳсуб меёфт. Дар аҳди Куруш ва Камбиз ҳанӯз низоми андозбандии мустаҳкам вуҷуд надошт. Вале баъзе ишораҳо дар манбаҳо роҷеъ аз кишварҳои забтшуда ситонидани андоз ба назар мерасад. Куруш сарвари иониро маҷбур кард, ки ба форсҳо андоз супорад.

Савдо ҳам дар аҳди ҳахоманишӣ ривоҷ меёфт. Хати роҳи савдоие, ки дар он давра аз соҳили Баҳри Миёназамин то Экботан, Сӯз, Персеполу Пасаргат сохта шуда буд, бо шаҳрҳои сарҳадии Осиёи Марказӣ - Марғиёну Бохтар низ пайваст гардиданд. Сатҳи равобити савдоии вилоятҳои Осиёи Марказиро бо дигар вилоятҳои ҳахоманишӣ муайян кардан ниҳоят душвор аст. Вале қаблан медонем, ки маҳсулоти устоҳои Осиёи Марказӣ то ба Бобул ва аз он ҳам дуртар мерафтанд.

Дар давлат савдо ҷои махсусро мегирифт. Ҳудуди ҳахоманишиён ба равнақи савдои Ғарбу Шарқ мусоидат мекард. Дар савдо пул роли калонро мебозид. Пули тангагии дарикӣ амал мекард, ки аз 8/4 гр тиллои холис иборат буд. Тангаҳои иёри паст дошта - сиклҳо буданд, ки ба 1/20 ҳиссаи дарикӣ баробар буд. Ин пулҳо дар тамоми империя гардиш мекард.

Дар давраи ҳахоманишиён ҳаҷми мавқеи тиҷорати абрешим афзуд ва Шоҳроҳи абрешим сабаби пешравии иқтисодии бисёр кишварҳои Шарқ мегардад.

Аз сабабе, ки империяи Ҳахоманишиён давлату халққои гуногунро дарбар гирифта буд, ҳайати иҷтимоии минтақаҳо аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Вале ин фарқияти онҳо хусусияти хоси давлат буду халос. Ҳамаи категорияҳои аҳолӣ дар тамоми ҳудудҳои давлат истисмор мешуданд, вале забону дини яке бар дигаре бор карда намешуд. Дар ибтидои аҳди ҳахоманишиён баробарии эътиқоду забон, урфу одат вуҷуд дошт ва риоя карда мешуд.

Ҳамин тавр, низоми иқтисодии империяи Ҳахоманишиён рушдкарда буда, имкон дод, ки барои инкишофи маданият ва санъат шароити мусоид фароҳам ояранд. Халқу кишварҳои гуногун ба туфайли боз шудани роҳҳои иртиботӣ имконият пайдо карданд, ки бемамоният бо якдигар алоқа карда, аз дастовардҳои мадании якдигар истифода баранд. Порсҳо, бохтариҳо ва ғайра ба

қувваи ҳукмрони сиёсӣ дар минтақа табдил ёфта, барои инкишоф додани маданияти худ имконияти бештар пайдо карданд. Онҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда буданд. Шаҳрҳои зиёде дар ҳудуди империя бунёд карда шуд, ки ба марказҳои бузурги тамаддуну фарҳанг табдил ёфтанд. Санъати махсуси меъморӣ бо истифода аз дастовардҳои тамоми ҳунармандони манотиқи мухталиф ба вуҷуд омад, ки як навъ таҳаввуллоти ҷиддӣ дар шаҳрсозӣ буд. Ҳахоманишиён собит намуданд, ки мардумони ориёӣ шаҳрсозу шаҳрнишин ва тамаддунофар мебошанд. Ба назари ин ҷониб маҳз сиёсати фарҳангии шоҳони Ҳахоманишӣ буд, ки тамоми аносири тамаддуни ориёӣ ба арши баланд рафта расид. Ковишҳои бостоншиносон дар минтақаҳои мухталифи тобеъи империя бори дигар аз шаҳомати фарҳангу тамаддуни хоссаи Ҳахоманишиён хабар медиҳад.

Зербоби дувуми боб **«Бозтоби фарҳанги замони Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон»** зикр мегардад, ки роҷеъ ба фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён, ки дар заминаи он тамаддуни бузурги ориёӣ рушд намуда, ҷаҳонӣ гашт, муҳаққиқону таърихнигорон дар осори хеш маълумоти арзишманде медиҳанд. Унсурҳои фарҳанги Ҳахоманишиён аз ҷониби муаррихону фарҳангшиносон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз замони ҳукумати Ҳахоманишиён то имрӯз ёдгориҳои зиёди моддӣ ва маънавӣ боқӣ мондаанд, ки на танҳо мероси маданияти мардуми эрониасл, балки мероси тамаддуни башарӣ низ ба ҳисоб хоҳанд рафт. Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Оғози таърих аз Эрон аст». Маданияти моддии аҳди Ҳахоманишиёнро боқимондаи вайронаҳои Шуш, Персепол, Истахр, Шуш, Беҳсутун, Ҳусайнкӯҳ - асосан баррелефҳои қасрҳо, тасвирҳои рӯи деворҳо, сутунҳо, канадакориҳо, навиштаҷотҳо, тангаҳо, сафолот, муҷассамаҳо ташкил медиҳанд. Маданияти маънавии ин давра аз хатту алифбо ва илму адабиёт иборат аст.

Аз катибаҳои аҳди Ҳахоманишӣ бо ҳамин ном - катибаҳои Ҳахоманишӣ ба мо маълуманд. Ин катибаҳо дар рӯи шаҳҳо, девору сутун, қасрҳо, пораҳои мармарӣ, тахтаи тиллоию сангӣ ва гачу лойӣ бо хати мехӣ навишта шудаанд ва ба Дорои 1 ва писараш Ҳушёршоҳ мансуб дониста шудаанд. Ҳамчунин, катибаҳое ҳам ҳастанд, ки ба намояндаи саромади ҳахоманишӣ - Куруши Кабир, Куруши Сағир, Ариярамна ва Аршама бахшида шудаанд. Вале ин намуд катибаҳо хеле кам боқӣ мондаанд.

Ниёгони Дорои 1 навиштаҷотеро дар рӯи тахтачаи тиллоӣ кандаанд ва он аз 10 сатр иборат буда, аз шоҳу шоҳаншоҳи Форс будани Ариярамна ва вазъияти он давраи мамлакат маълумот медиҳад. Ин катиба ба забонҳои эламӣ ва аккадӣ сабт шудааст. Гумон меравад, ки онҳо тарҷумаи матни забони форсии қадим мебошанд. Катибаи Аршама - писари Ариярамна. Аз рӯи шакл ва мундариҷа ба катибаи Ариярамна монанд буда, вале ҳаҷман фарқ дорад. Катибаи Аршама аз 14 сатр иборат буда, ба забони форсии қадим навишта шудааст.

Ҳамчунин, аз давраи Ҳахоманишиён катибаҳои Алванд, Ҳамадон ва Ван маълуманд. Аҳамияти илмию таърихии ин катибаҳо дар он аст, ки онҳо дар ҳамон замоне навишта канда, нақр ва сабт шудаанд, ки воқеаю ҳодисаи зикршуда алакай сар шуда буд ё оғоз меёфт. Дар кулли ин катибаҳо роҷеъ ба асли баромади этникии Ҳахоманишиён, муноқишаҳои дарборӣ, лашкаркашию забткории онҳо, ҷуғрофияи таърихӣ ва сиёсии асрҳои VII-IV то милод, алоқаҳои савдоӣ, мулкҳои тобеи Эрон ва сохтмонҳои бузурги он ахбори раднашванда ва саҳеҳ медиҳанд.

Санъати шаҳрсозии ин давра диққати муҳаққиқонро бештар ҷалб намудааст. Шоҳони ҳахоманишӣ дар радифи шаҳрҳои мавҷуда, қасру биноҳои нав сохта ва тавсиа бахшидани онҳо, ҳамчунин якчанд шаҳрҳои нав бунёд карданд, ки аз суннати шаҳрсозӣ ва идомаи анъанаи неки ориёҳо гувоҳӣ медиҳад. Яке аз шаҳрҳои бунёдкардаи Ҳахоманишиён пойтахти империя шаҳри Посоргод ба шумор мерафт [2-М, с. 61].

Роҷеъ ба санъати бошукӯҳи тасвирии замони Ҳахоманишиён муҳаққиқон ба нигораҳои барҷастаи девори Тахти Ҷамшед, Посоргод, Шуш ва гӯристони кӯҳии шоҳаншоҳон ишора намудаанд. Тасвирҳои мазкур қабл аз ҳама, бо миқдору ҳаҷму ҳашамат, услуби хосу такрорнашаванда ва дақиқии инъикоси воқеъият бинандаро ба ҳайрат мегузоранд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон тазаккур медиҳад: «Дар онҳо асосан саҳнаҳои тӯҳфасупорӣ ба шоҳ, ҷанги шоҳ бо шер ва дигар ҳайвонҳои воқеиву асотирӣ, ҷанговарони форсу мод, гардунаҳои дучархаи ҷангӣ, маросимҳои гуногуни дарборӣ бо иштироки шоҳ ва ашрофону мансабдорон, ташрифи намояндагони халқҳои тобеъ ба дарбор ва мисли инҳо тасвир шудаанд. Тасвирҳои барҷастаи деворҳои паҳлӯи толори ташрифотии шоҳ дар Тахти Ҷамшед боҳашамат, муассир ва диққати бинандаро ба худ ҷалб мекунанд. Дар он қатори дурударози ҷанговарони форс, сафирони сатрапҳои қаламрави шоҳ

бо тӯҳфаҳо бо инъикоси тамоми ҷузъиёти сару либос, яроқу аслиҳа, бо сабки ягона тасвир шудаанд. Суратҳо саҳнаҳои зиндаеро мемонанд, ки як лаҳза аз ҳаракат бозмондаанд. Якрангӣ ва такроршавии суратҳо ҳашамати онҳоро боз ҳам афзудаанд» [20, с. 154].

Санъати ҳахоманишӣ як санъати бузурги дарборӣ буд, ки барои рамзи қудрат ва бузургии ҳокимияти шоҳӣ пешбинӣ шуда буд. Бисёре аз асарҳо барои равшан кардани пайдоиши унсурҳои алоҳидаи санъати ҳахоманишӣ бахшида шудаанд.

Ҳунармандӣ ҳам тараққӣ ёфта буд. Ҳунурмандон бештар дар кушкҳо ва шаҳрҳо зиндагонӣ мекарданд. Тибқи осори муҳаққиқон: «... қишри пешоварон ва санъаткорон дар сурати тасхир намудани дигар давлат ба пойтахти давлати марказӣ оварда мешуданд ва дар сохтмони қасру кӯшкҳо аз ин ҳунармандон истифода мебурданд. Чунин ҳодиса қабл аз империяи Ҳахоманишиён дар давлатҳои мутамаркази Шумериву Ошурӣ ва баъд аз Ҳахоманишиён дар даврони Селевкиёну Портиён ва ғайра мушоҳида мешуданд. Дар ҳамин замина шаҳрсозӣ дар Осиёи Миёнаву Эрон тараққӣ карда буд» [26, с. 191].

Роҷеъ ба мақоми ақоиди динии замони Ҳахоманишиён мусаввараҳои Тахти Ҷамшед ва дигар шаҳрҳо, махсусан бозёфтҳои бостоншиносӣ маълумоти боварибахш медиҳанд. Дар назди мақбараи Куруши Кабир дар Посоргод бостоншиносон се меҳроби бузурги оташро кашф кардаанд. Дар мусаввараҳо шоҳони ҳахоманишӣ дар назди оташгоҳи муқаддаси зардуштӣ тасвир шудаанд. Дар деворҳои Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам ва дар ашёи мухталифи аз зери хок беруномадаи мансуб ба аҳди Ҳахоманишиён Аҳуромаздо бо болҳои кушод дар ҳалқаи офтоб тасвир шудааст [8, с. 55].

Бояд гуфт, ки такягоҳи асосии Ҳахоманишиён халқҳои ориёии Эрону Осиёи Марказӣ буданд. Барои муттаҳид нигоҳ доштани онҳо ягонагии оинӣ лозим буд. Бисёрмазҳабӣ дар байни мардум ихтилофу парокандагӣ ва оқибат сустиву заволро ба вуҷуд меоварад.

Дар асоси катибаи Хишоёршо баъзе олимон ба хулосае омадаанд, ки ӯ дини Аҳуромаздоро дар тамоми империя бо роҳи зӯрӣ паҳн кардан буд [6, с. 399]. Дар ин бора ягон санади мушаххас вуҷуд надорад. Муборизаҳои оинии қавмҳои ориёӣ бо ҷорӣ шудани дини Зардушт пайдо шуда то аҳди Ҳахоманишиён ва дар баъзе маҳалҳо аз он ҳам дертар ба назар мерасид.

Ҳамин тавр, аз таҳлили осори муҳаққиқон бармеояд, ки сиёсати динӣ бо мардумони ғайриориёии империяи Ҳахоманишиён дигар хел буд ва озодии динҳои маҳаллӣ эълон шуда буд. Куруши Кабир ба бобулиён ва дигар халқҳои забт кардааш на танҳо озодии эътиқод бахшид, балки ибодатхонаҳои харобшудаи онҳоро таъмир намуд. Шоҳони минбаъда низ ин сиёсати хайрхоҳона ва муросову мадоро бо динҳои мардумони ғайриориёиро идома доданд. Ҳуҷҷатҳои аз зери девори мудофиавии Тахти Ҷамшед ёфтшуда низ чунин фикрро тасдиқ мекунанд. Баробари руҳониёни зардуштӣ руҳониёни динҳои дигар низ барои гузаронидани маросимҳои динӣ ғалла ва дигар маҳсулот мегирифтанд. Шоҳони ҳахоманишӣ дар ин соҳа таассуб нишон намедоданд.

Онҳо тамоми аносири тамаддуни ориёиро ба дараҷаи олии рушди худ бурда, тавонистанд, ки дар таърихи инсоният бори нахуст гуфтугӯи фарҳангҳоро созмон диҳанд. Дар натиҷаи омезиши фарҳангҳо тамаддуни ориёӣ ғанӣ гардида, ба сатҳи хеле баланд расид. Фарҳанги ориёӣ густариш ёфта, доираи ҷуғрофиаш хеле васеъ ва доманадор гардид. Маҳз Ҳахоманишиён бори аввал тавассути ташкили империяи мутамаддин заминаи устувори ҷаҳонӣ гардидани фарҳангу тамаддуни ориёиро гузоштанд. Дар заминаи фарҳанги ғановатманди Ҳахоманишиён сулолаҳои минбаъдаи ҳукумарони ориёитабор давлатҳои мутамаддину тавонмандеро ташкил намуданд, ки боиси боз ҳам густариш ёфтани тамаддуни ориёӣ гардид.

ХУЛОСА
НАТИҶАИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар диссертатсия марҳалаи мубрами таърихи давлатдории аҳди бостонии аҷдоди тоҷикон – империяи Ҳахоманишиён дар асоси маъхазҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки дар нимаи дувуми асри XX ва ибтидои асри XXI таҳқиқот анҷом додаанд, мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар осори худ бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти сарнавиштсози давраи мазкур бештар ба маълумоти манбаъҳои таърихӣ муроҷиат менамояд.

Осори муҳаққиқон, ки мавзуи таҳқиқи диссертатсияи моро ташкил медиҳад, дар доираи консепсияҳои мухталиф нигошта шуда, дар он манфиатҳои таърихан миллӣ ба таври воқеӣ решаёбӣ мешавад. Дар осори муҳаққиқон масоили мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд, ки омӯзиши онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон барои

шинохти оини давлатдории миллии мо бисёр муҳим аст.

Таҳқиқ ва баррасии таърихи империяи Ҳахоманишиён бидуни таҳлилу баррасии манобеъи таърихӣ ғайриимкон мебошад. То имрӯз муҳаққиқон роҷеъ ба ин масъала аз манбаъҳои зиёде истифода намудаанд.

Ҳамин тавр, бар асоси таҳлилу қиёси сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба чунин натиҷа расидем:

1. То имрӯз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар доираи консепсияҳои мухталифи таҳқиқоти таърихӣ, таърихи империяи Ҳахоманишиёнро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Дар айни замон наметавон ба ин ё он асари илмии муҳаққиқон баҳои сирф мусбӣ ва ё манфӣ дод. Ҳар кадоме аз донишмандони мазкур аз усул ва методологияи ба худ хос истифода намудаанд, ки таҳлилу омӯзиши ҳамаи он ба манфиати таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Дар раванди омӯзиш ва таҳлили мавзуъ аз нуқтаи назари таърихнигорӣ осори муҳаққиқони аврупоӣ, амрикоӣ, шуравӣ, рус, эронӣ ва ватанӣ бештар истифода шудаанд. Ба ақидаи инҷониб, мавзуи баррасишавандаро дар заминаи консепсияи ягонаи таҳқиқи таърих омӯхтан ғайриимкон мебошад. Вале дар ин раванд ба консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих бештар бартарӣ додаем, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои таҳқиқшаванда ошкор мегардад. Бояд гуфт, ки донишмандони аврупоӣ роҷеъ ба таърихи империяи Ҳахоманишиён таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, ҳамзамон ба масоили нақш ва мақоми таъриху фарҳанги Эрони аҳди шоҳони ҳахоманишӣ дар тамаддуни башарӣ, ёдгориҳои оламшумули санъату меъмории давраи мазкур ва дигар паҳлуҳои он осори илмии худро бахшидаанд.

Новобаста аз он ки муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоӣ ба унвони аввалин донишмандон аз нигоҳи консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи империяи Ҳахоманишиён таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, вале миёни эшон оид ба аксар масъалаҳои таҳқиқ назари мухталиф вуҷуд дорад. Ба ин нигоҳ накарда, истифодаи консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих имкон дод, ки бисёр масъалаҳои норӯшан ҳаллу фасл гардад.

Муҳаққиқони ватанӣ аксаран дар доираи консепсия ва методологияи таҳқиқотии марксиситӣ (синфӣ) ва тамаддунии омӯзиш ва баррасии таърих ба масъалаи мазкур руҷуъ намудаанд.

2. Курурши Кабир дар замони ҳукумронияш ҳамчун сиёсатмадори дурбин ва сарлашкари тавоно аз ҷониби

ҳукуматдорони дигари ҳамзамони худаш ва ақвому милали гуногун эътироф шуда буд. Ҳамин мисол кифоя аст, ки руҳониёни Бобил ӯро фиристодаи худованд Мардук, яҳудиён фиристодаи худованд Яҳво ва юнониён сиёсатмадори бузург номидаанд. Муҳаққиқону донишмандони муосир дар бораи ӯ асарҳои зиёде таълиф намудаанд. Имрӯз набояд хадамоти шахсиятҳои таърихиро аз будаш зиёд баҳо дода, бо иғроқ роҳ диҳем. Аммо таҳлили аксари сарчашмаҳо ва назари муҳаққиқон нишон медиҳад, ки Куруш бе муболиға, ба ҳамагуна бузургдошт сазовор аст. Бо мақсади тасдиқи ақидаи мазкур дар диссертатсия роҷеъ ба фаъолияти ӯ мисолҳои зиёд оварда шудааст.

Куруши Кабир тавассути сиёсати таҳаммулгароёна ва дурандешонаи хеш иқдомеро дар дунёи қадим анҷом дод, ки ҳеҷ сиёсатмадоре қабл аз ӯ ва садсолаҳо баъд чунин иқдом накард. Эҷоди эъломия дар хусуси ҳуқуқи инсон аз ҷониби ӯ дар таърихи башарӣ назире дорад. Аввалин шуда дар таърихи башар, шоҳаншоҳи ақвоми ориёӣ ориёиҳо бо ташаббусҳои худ чунин як падидаи нодиреро дар зиндагии инсоният ворид намуданд, ки ҳамто надорад. Ҷасорат ва сиёсати дурандешонаи ӯ омили асосии рушд ва тавсеаи давлатдории ақвоми ориёӣ гардид. Ба ин васила Куруш ба ҳайси бунёдгузори аввалин империяи ҷаҳонӣ эътироф шуда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми барҷаста ва мондагори хешро гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон чунин тазаккур медиҳад: «Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки бо тамаддунофарию адолатпешагӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидааш нуфузи оламгир ёфтааст» [23, с. 6].

Муҳаққиқи тоҷик Б. Абдураҳмон дар хусуси Куруши Кабир бахшида ба солгарди тамаддуни ориёӣ романи таърихиеро навишт, ки дар он метавон маълумоти зиёд роҷеъ ба шахсият ва ҳукумати ин сиёсатмадори мондагор пайдо намуд. Вале таҳлилҳо нишон дод, ки асар бештар хусусияти адабӣ–бадеӣ дорад. Новобаста ба ин, нависанда тавонистааст, шахсияти Курушро барои хонанда то ҷое рӯшан созад.

Дар ин радиф, зикр намудан ба маврид мебошад, ки Куруш бо ташкили империяи бузург, низоми хоссаи давлатдорӣ, сиёсати кишваркушоӣ, ваҳдати ақвоми ориёӣ дар як марказ ва пойдории адолату пуштибонӣ аз ҳуқуқи инсон дар таърихи умумиҷаҳонӣ нақши бориз гузоштааст. Куруши Кабир дар як шакли муназзам

артиши порсӣ ва моддиро ташкил кард, ки он ба қӯшуни шикастнопазире табдил ёфта, дар Сардису Бобил пирӯз шуд ва ба ҳукмронии қавмҳои сомӣ дар ғарби Осиё хотима бахшида, кишварҳои Бобулу Ошӯр, Лидия ва Осиёи Сағирро ба ҳукумати Эрон муттаҳид намуда шоҳаншоҳиеро ба вуҷуд овард, ки бузургтарин созмони сиёсӣ пеш аз империяи Рум буд [1-М, с. 345-351].

3. Дар асоси манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоҳони ҳахоманишӣ аз Куруши Кабир сар карда низоми хоссаи идораи давлатиеро ҷорӣ намуданд, ки бо хуби ва устувории худ дар дунёи қадим ҳамтое надошт. Маҳз ҳамин низоми хоссаи давлатдорӣ сабаб шуд, ки доираи сиёсати шоҳон густариш ёфта, дар се қитъаи олам қавми ориёӣ парчами худро парафшон намояд. Ҳахоманишиён бо эҷоди низоми муназзами идорӣ дар таърихи башар нахустин маротиба ба империяе бунёд гузоштанд, ки зиёда аз ҳафтод халқу миллатҳоро муттаҳид менамуд. Яке аз вижагиҳои низоми эҷоднамудаи онҳо дар он ифода меёфт, ки баъзе арзишҳои давлати дунявӣ ва демкоратӣ ташаккул ёфта буд. Озодии виҷдон ва баробарҳуқуқии тамоми мардуми империя, ки дар Устувонаи Куруши Кабир дарҷ шудааст, аз эътироф ва татбиқи арзишҳои умумиинсонӣ хабар медиҳад. Ин усули хоссаи низоми идорӣ таваҷҷуҳи садҳо муҳаққиқону ҳаводорони таъриху тамаддуни аҷдоди тоҷикон – ориёиҳоро ҷалб намудааст.

Шоҳони ҳахоманишӣ империяи тавоноеро созмон доданд, ки ҳудуди он дар ғарб аз Мисру Ливия, соҳилҳои баҳри Эгей ва дар шарқ то Ҳинду сарҳади Чинро фарогир буд. Дар қиёс ба империяи Ҳахоманишиён давлатҳои собиқи минтақа (Ошур, Бобил, Миср, Мод) хеле хурд буданд. Барои идора кардани чунин як империяи паҳновар сохтори наву мукаммали маъмурӣ зарур буд. Барои созмон додану чунин шакл ва сохтори муназзам аҷдоди тоҷикон аз таҷрибаи ҳамсояҳои тараққикардаи худ эҷодкорона истифода бурда, амалан низом ва сохти ҷадиди маъмуриеро офариданд, ки ҷавобгӯи тақозои империяи тавоно буд.

Дар ҳайати империяи Ҳахоманишиён халққои зиёде муттаҳид гардида буданд, ки дар сатҳи гуногуни тараққиёт қарор доштанд. Табиист, ки умури идорӣ бояд бо дарназардошти ин вазъият сохта мешуд. Бо эътирофи умум, Ҳахоманишиён аз уҳдаи иҷрои ин кор ба хубӣ баромада тавонистанд. Ба қавли М.А. Дандамаев дар ташкили идораи давлатӣ Ҳахоманишиён нисбат ба мисриҳо,

ошуриҳо ва бобилиҳо муваффақиятҳои бузургтар ба даст даровардаанд [4-М, с. 101-107].

4. Муҳаққиқону таърихнигорон дар радифи масъалаҳои дигари таърихи империяи Ҳахоманишиён роҷеъ ба сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шоҳони он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Ин масъала диққати аксар муҳаққиқони пажуҳишгари таърихи аҳди Шарқи Қадимро ҷалб намудааст. Шоҳони ҳахоманишӣ низоми мукаммали давлатиеро созмон доданд, ки заминаи сиёсати дурусту муваффақи дохилӣ ва хориҷиро гузошта буд. Дар сиёсати хориҷӣ Ҳахоманишиён фаъол буда, бо аксар кишварҳои дунёи қадим муносибатҳои самаранок роҳандозӣ кардаанд. Дар мавриди равобити Ҳахоманишиён бо шаҳр-давлатҳои Юнон ба ҷуз аз майдонҳои набард, иртибот миёни намояндагони ду ҷониб дар қолаби расму оин ва одоби дипломатӣ низ роиҷ буд, ки дар улуми эроншиносӣ ва таърихи дипломатияи мардуми ориёитабор камтар баррасӣ шудааст. Одобу ойинҳои дипломатӣ аз нишондодҳои сатҳи фарҳанг ва сарвати ахлоқии кишварҳо дар даврањои гуногуни таърихӣ ба шумор мераванд. Аксари муҳаққиқони таҳқиқгари аҳди бостон сиёсати хориҷии шоҳони ҳахоманиширо дар муносибат ба дигар халқҳо мусбӣ арзёбӣ намуда, онро яке аз нахустин империяҳои мутамаддин дар таърихи башар номидаанд. Онҳо сиёсатеро дар муносибат ба халқҳои ғайриориёӣ ҷорӣ намуданд, ки боиси ташаккул ва рушди гуфтугӯи тамаддун ва фарҳангҳо шуд. Ҳамчунин, шоҳони ҳахоманишӣ барои мардумони ориёӣ хидмати шоён ва таърихиро анҷом додаанд. Онҳо муттаҳидсозии ақвоми ориёиро, ки модҳо сар карданд, идома бахшида, ба марҳалаи нав расониданд. Ҳахоманишиён ақвоми ориётабори Осиёи Марказӣ, Эрон ва Шарқи Наздикро дар ҳайати як империя ба ҳам оварда, барои ташаккули мардум ва фарҳанги муштараки ориёӣ замина фароҳам оварданд. Маҳз ҳамин буд, ки минбаъд аксарияти кулли ориёиҳои минтақаҳои номбаршуда анъанаҳои ориёиҳои қадимро идома ва такмил доданд. Маҳз сиёсати таҳаммулпазирӣ ва дурандешонаи аксари шоҳони ҳахоманишӣ сабаб шуд, ки фазои мусоиде баҳри ташаккулу рушди тамаддун ва фарҳанги ҳамаи халқҳои тобеи империя фароҳам омада буд [3-М, с. 109-115].

5. Империяи Ҳахоманишиён аз ҷиҳати сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии худ бо гуногунрангиаш фарқ мекард. Ба ҳайати он минтақаҳои Осиёи Хурд, Бобил, Сурия, Финикия ва Миср дохил мешуд, ки то замони Ҳахоманишиён ниҳодҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатдории ба худ хосро доро буданд. Асоси

иқтисодиёти империяро вобаста ба шароити ҷуғрофии ҷойгиршавиаш кишоварзӣ ва ҳунармандӣ ташкил медод.

Низоми иқтисодии империяи Ҳахоманишиён рушдкарда буда, имкон дод, ки барои инкишофи маданият ва санъат шароити мусоид фароҳам оварданд. Халқу кишварҳои гуногун, ба туфайли боз шудани роҳҳои иртиботӣ имконият пайдо карданд, то бемамоният бо якдигар алоқа карда, аз дастовардҳои мадании якдигар истифода баранд. Порсҳо, бохтариҳо ва ғайра ба қувваи ҳукмрони сиёсӣ дар минтақа табдил ёфта, барои инкишофи маданияти худ имконияти бештар пайдо карданд. Онҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда буданд.

6. Роҷеъ ба фарҳанги аҳди Ҳахоманишиён, ки дар замини он тамаддуни бузурги ориёӣ рушд намуда, ҷаҳонӣ гашт, муҳаққиқону таърихнигорон дар осори хеш маълумоти арзишманде медиҳанд. Унсурҳои фарҳанги Ҳахоманишиён аз ҷониби муаррихону фарҳангшиносон мавриди таҳлилу баррасӣ қаарор гирифтааст. Махсусан, санъати шаҳрсозии ин давра диққати муҳаққиқонро бештар ҷалб намудааст.

Шоҳони ҳахоманишӣ бо такя ба арҷгузорӣ ба фарҳангу маданияти қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату маданияти сифатан наверо ба вуҷуд оварданд, ки зиёда аз ду аср дар қисми бузурги қитъаи Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддунро ба ворисони худ ба мерос гузоштанд. Онҳо тамоми аносири тамаддуни ориёиро ба дараҷаи олии рушди худ бурда, тавонистанд, ки дар таърихи инсоният бори нахуст гуфтугӯи фарҳангҳоро созмон диҳанд. Дар натиҷаи омезиши фарҳангҳо тамаддуни ориёӣ боз ҳам ғанӣ гардида, ба сатҳи хеле баланд расид. Маҳз Ҳахоманишиён бори аввал тавассути ташкили империяи мутамаддин заминаи устувори ҷаҳонӣ гардидани фарҳангу тамаддуни ориёиро гузоштанд. Дар заминаи фарҳанги бузурги офарандаи Ҳахоманишиён сулолаҳои минбаъдаи ҳукумарони ориёитабор давлатҳои мутамаддину тавонмандеро ташкил намуданд, ки боиси боз ҳам густариш ёфтани тамаддуни ориёӣ гардид [2-М, с. 61-67].

ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

1. Зарур аст, то дар асоси манобеи муътамади таърихӣ ва осори муҳаққиқони варзида дар назди Институти таърих,

бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ Маркази пажӯҳиши тамаддуни Ҳахоманишиён ташкил карда шавад. Чунки маҳз дар ҳамин давра тамаддуни аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо густариш ёфта, хусусияти ҷаҳонӣ касб кард;

2. Ҳоло вақти он расидааст, ки баъзе маълумотҳои сохта роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир, махсусан ривояти сохтаи Ҳеродот дар бораи кушта шуданаш аз ҷониби малика Томирис аз китобҳои дарсӣ бардошта шавад. Чун насли навраси мо ба ин маълумоти сохта бовар карда, дар хусуси шахсияти мондагор будани Куруш шубҳа пайдо мекунад;

3. Имрӯз зарур аст, ки роҷеъ ба шахсият ва давлатдории Куруши Кабир дар доираи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ таҳқиқоти махсуси илмӣ анҷом дода шавад. Ба ин васила, хадамоти Куруш ҳамчун бунёдгузори нахустин империя дар таърихи башар мушаххасу ошкортар мегардад;

4. Ҳамчунин, зарур аст, ки дар Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ, ки дар шаҳри Душанбе бояд ташкил карда шавад, шуъбаи махсус роҷеъ ба замони Ҳахоманишиён ифтитоҳ гардад;

5. Бо дарназардошти хадамоти хоссаи Куруши Кабир, пешниҳод менамоем, ки яке аз ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистон ба номи ин чеҳраи мондагор гузошта шавад;

6. Роҷеъ ба аҳаммият ва мазмуни Эъломияи Куруши Кабир дар бораи ҳуқуқи инсон рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ рӯи нашр оварда шавад.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Қодирзода, Х.С. Сиёсати кишваркушоии Куруши Кабир дар осори муҳаққиқон [Матн] / Х.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: Рӯдакӣ, 121, 2025. – № 4 (117). – С. 345-351.

[2-М]. Қодирзода, Х.С. Бозтоби вижагии фарҳанги замони Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон [Матн] / Х.С. Қодирзода //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2026. – № 2. – С. 61-67.

[3-М]. Қодирзода, Х.С. Вижагии сиёсати хориҷии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён [Матн] / Х.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2026. – № 3. – С. 109-115.

[4-М]. Расулиён, Қ.Р., Шарифзода, Ҷ.С., Қодирзода, Х.С. Вижагии сипоҳдорӣ дар аҳди Ҳахоманишиён [Матн] / Қ.Р. Расулиён, Ҷ.С. Шарифзода, Х.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2026. – № 4. – С. 101-107.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:

[5-М]. Қодирзода, Х.С. Вижагии замони ҳукумати Ҳахоманишиён дар осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Х.С. Қодирзода // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик». – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29-апрели соли 2025. – С. 61-65.

[6-М]. Қодирзода, Х.С., Шарифзода, Ҷ.С. Масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар таърихнигории Аврупо [Матн] / Х.С. Қодирзода, Ҷ.С. Шарифзода // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таърихнигорӣ ва манбаъшиносии муосири тоҷик: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 16-уми майи соли 2025. – С. 169-178.

[7-М]. Қодирзода, Х.С. Омӯзиш ва инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Қодирзода // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми таърих ва нақши он дар 35 соли Истиқлол». – Душанбе, 12-уми майи соли 2026. – С. 153-159.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

На правах рукописи

ВБД: 931 (575.)
ТКБ: 63.3 (0) 3 (2 таджик)
К-76



КОДИРЗОДА ХУШБАХТИ САФАР

ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ ИМПЕРИИ АХЕМЕНИДОВ В РАБОТАХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ (ВТОРАЯ ПОЛОВИНА XX ВЕКА –НАЧАЛО XXI ВЕКА)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 6.1. История и археология (6.1.5. Историография, источниковедение и методы исторического исследования)

Душанбе – 2026

Диссертация подготовлена на кафедре истории таджикского народа Таджикского национального университета.

Научный руководитель:	**Расулиён Каххор Расул** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории народа Национального университета Таджикистана
Официальные оппоненты:	**Мухиддинов Сайдали Раджабович** – доктор исторических наук, профессоркафедры отечественной и всеобщей истории Российско - Таджикского (Славянского) университета **Каримдодзода Мирали Замон** – кандидат исторических наук, заведующий отдела археологии и нумизматики «Национального музея» Испольнительного аппарата Президента Республики Таджикистан
Ведущая организация:	Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава

Защита диссертации состоится 24 ноября 2026 года в 14:00 на заседании диссертационного совета 6D.KOA-024 при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17).

Адрес: Умаров А.К., e-mail: abdullo1189@mail.ru, тел.: 981-05-98-89

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на официальном сайте Таджикского национального университета (https://tnu.tj).

Автореферат разослан «___» _____ 2026 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета, кандидат
исторических наук Умаров А.К.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В современном мире народы и нации на разных уровнях выдвигают притязания на то – какой значительный вклад внесли их предки своими материальными и духовными творениями в человеческую цивилизацию. Предки таджиков созданием основополагающих элементов цивилизации, особенно основанием первых сильных и могущественных государств в античную эпоху, смогли оставить человечеству непереходящие ценности. Особенно, создание первой могущественной монархии или империи в истории человечества – империи Ахеменидов явилось ярким примером такой заслуги. Несмотря на более 2500-летнюю историю, государственная система и гуманизм этого государства до сегодняшних дней считается самым лучшим образцом организации государственного управления. Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон о роли империи Ахеменидов в человеческой цивилизации, отмечает: «Ахемениды, опираясь на свою древнюю арийскую культуру и творчески используя опыт соседних цивилизаций, создали качественно новое искусство и культуру, которая была распространена на значительной части Азии на протяжении более 200 лет как существенное достижение, и передали в наследство потомкам эту цивилизацию» [20, с. 156].

Несмотря на то, что ахеменидскому периоду посвящены многочисленные работы, с историографической точки зрения настоящая тема не стала предметом отдельного научного исследования. Необходимо отметить, что политическая история древнейшего Ирана, особенно Ахеменидов, сравнительно лучше изучена европейскими востоковедами и исследователями.

Автор диссертации предпринял попытку провести конкретное и комплексное исследование империи Ахеменидов на основе источников и работ исследователей второй половины XX и начала XXI века. Подробное анализ письменных источников и литературы по затронутым вопросам можно найти в содержании диссертации. Рассмотрение и анализ содержания трудов отечественных и зарубежных исследователей, их сравнение с историческими источниками еще больше усиливают научную ценность диссертации. Актуальность и рассмотрение темы исследования в рамках настоящей диссертации обусловлена следующими факторами:

Во-первых, до сегодняшнего дня историография империи

Ахеменидов в теоретическом и методологическом плане не стала предметом комплексного анализа и исследования. Эта проблема впервые исследуется в рамках настоящей диссертации;

Во-вторых, изучены точка зрения исследователей на личность Кира Великого и образование империи Ахеменидов, с использованием сведений исторических источников и трудов исследователей конкретно рассмотрена личность Кира Великого как преуспевающего государственного деятеля и основателя первой империи в истории человечества;

В-третьих, на основе работ исследователей рассмотрены особенности ахеменидской системы государственного управления. В результате стало известно, что созданные царями Ахеменидов структуры служили примером для других правящих династий, правивших на всем Востоке. Централизованная система управления ахеменидского государства стало причиной того, что государство превратилось в огромную и обширную империю, и независимо от этнического многообразия объединило многочисленные народов под единой политикой, в которой течение более 200 лет установилось мирное сосуществование;

В-четвертых, на основе исторических источников и работ исследователей исследованы особенности внешней политики и процесс географического и политического расширения территории Ахеменидов, и отмечено, что ахеменидские цари относились к подчиненным народам на основе гуманных и равноправных ценностей. В особенности, основатель империи Кир Великий в своем «Манифесте» об отношениях с народами Вавилона и других завоеванных стран доказал, что ценит права и свободы народов. Более того, внешняя политика ахеменидских царей также осуществлялась на основе особых принципов дипломатии, о чем свидетельствуют труды античных историков;

В-пятых, социально-экономическое положение Ахеменидской империи рассмотрены с точки зрения исследователей, и изучены факторы, способствующие развитию этих сфер. Основу развития экономической и социальной жизни империи составляли сельское хозяйство, ремесленное производство и торговля, всесторонне исследованные в диссертации;

В-шестых, элементы культуры эпохи Ахеменидов изучены путем в сравнения сведений исторических источников с работами исследователей. Ахеменидские цари наладили своего рода диалог арийской культуры с культурой завоеванных народов. На этой

основе сложилась великая ахеменидская цивилизация, распространившаяся не только внутри империи, но за ее пределы. Именно на этом этапе арийская цивилизация достигла наивысшего уровня развития и получила мировую известность.

Степень научной разработанности темы исследования. По теме историографии Ахеменидской империи не проводилось специальное научное исследование до настоящего времени. Однако историю этого важного этапа древней государственности предков таджиков всестороннее исследовали отечественные и зарубежные ученые.

Проведенные исследования истории Ахеменидской империи можно условно разделить на следующие группы:

В первую группу можно включит работы европейских и американских исследователей, в частности, выдающийся вклад внесли такие известные исследователи, как Л. Аллен [50; 51], П. Бриан [55; 56; 57; 58], Мэри Бойс [53; 53], Ричард Фрай [24], Мария Брозиус [59; 60; 61], Р. Гиршман [62; 63], В. Дюрант [32], У. Куликан [9], Масперо [10], А. Олмстед [65], А. Тойнби [44], К. Хавер [45], Р.Н. Шарп [47] и другие.

Необходимо отметить, что процесс формирования и упрочения Ахеменидской империи, особенно завоевательная политика Кира Великого, Дария Великого и Ксеркса, находился в центре внимания вышеупомянутых исследователей. В своих работах они также уделяли внимание различным аспектам культуры Ахеменидов.

К примеру, Л. Аллен занимался исследованием культуры и цивилизации Ахеменидов. Его внимание больше всего было направлено на архитектурные памятники эпохи Ахеменидов, в частности Тахти Джамшида (Персеполиса), а также взгляд европейцев на архитектурные памятники этого исторического периода и интерпретация содержания исторических источников [50; 51].

В изучение, исследование и популяризации истории и культуры Древнего Ирана огромен вклад американского востоковеда Ричарда Фрая. Ученый посвятил жизнь комплексному изучению истории и культуры Ирана и сопредельных стран, в том числе Малой и Центральной Азии, оставивший после себя ценные работы, ставшие шедеврами мировой науки [24].

Мария Брозиус, португальский иранист в своих исследованиях обращает внимание на организацию работы двора

ахеменидских шахиншахов и организации церемониала двора, положении женщин, их роли и статуса в различных сферах жизни империи персов, и провела комплексное исследование по истории государства Ахеменидов [59; 60; 61].

Вилл Дюрант при изучении истории цивилизации предков таджиков – арийцев, приходит к выводу, что ареалом цивилизации были прибрежные области Каспийского моря и прилегающие страны, а высшее развитие этой цивилизации совпало с периодом Ахеменидской империи. В этом контексте она называет Восток колыбелью цивилизации. Кроме того, по его мнению, арийская цивилизация сыграла важную роль в становлении и развитии мировой цивилизации. Он высоко оценивает вклад ахеменидских царей в возрастании роли арийской цивилизации [32].

Другой европейский учёный Арнольд Тойнби – один из основателей цивилизационной концепции изучения истории, является авторитетом в вопросе формирования и распространения арийской цивилизации. По его мнению, в эпоху Ахеменидов и их могущественных царей, арии имели сильное влияние на берегах Окса и Яксарта и постепенно распространялись в Месопотамию и Индию [44].

Вторая группа включает работы российских исследователей, таких как М.А. Дандамаев [82; 83; 84; 85; 86; 87; 88; 89], В.В. Струве [114; 115; 116; 117; 118; 119; 120], В.П. Орлов [72], Э.В. Рунг [74], А.С. Сапогов [75], Р.Р. Вергазов [67], И.Н. Медведская [68], М.В. Мельников [69], И.Р. Пичикян [73] и других. Среди зарубежных исследователей второй группы видное место занимают научные труды известного исследователя древней истории таджикского народа М.А. Дандамаева, посвященные истории и культуре империи Ахеменидов. Он внес огромный вклад в определение и изучение генеалогии и родословной Ахеменидов, различных аспектов истории становления и упрочения их империи, а также роли и места Ахеменидской империи в мировой истории и культуре.

В изучение истории Ахеменидской империи значительный вклад внес И.В. Пьянков. Начиная с 60-х годов XX века, ученый провел ценные исследования завоевательной политики Кира Великого, особенно его походов против кочевников-массагетов, истории становления Ахеменидской империи, положения в Центральной Азии в эпоху Ахеменидов, сведений Ктесия, и общих аспектов истории региона в древности.

Значителен вклад выдающегося исследователя истории Древнего Востока, академика В.В. Струве в изучении истории и завоевательных походов ахеменидских царей, расширении территории государства персов в период завоеваний Кира Великого и Дария I, а также в конкретизации исторических событий эпохи Ахеменидов. Струве в своих исследованиях уделял особое внимание положению восточных хшатрий и борьбе народов Согда и Бактрии, саков и массагетов против политики Ахеменидов [114; 115; 116; 117; 118; 119; 120].

В третью группу включены труды иранских исследователей, таких как Ш. Баяни [28; 29], Абдулхусейна Зарринкуб [33; 34], М. Машкур [36], Х. Пирния [39; 40; 41], М. Рованди [42; 43], Н. Бахтурташ [30], А. Бахманиш [31], Х. Ганджи [78], К. Гулшанирод [79], Дж. Аштияни [38], А. Накуи [93; 94], А. Олам [95] и другие.

Абдулхусейн Зарринкуб, иранский литератор и историк, автор многочисленных работ по истории и культуре античного Ирана, из числе работ которого при подготовке диссертации были использованы две работы, первая, краткая история, а другая, полная история Ирана. Бесспорно, его идеи об истории формирования и укрепления империи Ахеменидов имеют огромное научное значение [33; 34].

Такие ученые, как М. Машкур [36], Х. Пирния [39; 40; 41], М. Рованди [42; 43] и другие, в своих работах по истории Ирана затронули различные аспекты истории персидского государства и важнейшие элементы государственной системы. Более того, в работах Н. Бахтурташа [30], А. Бахманиша [31], К. Гулшанирода [79], Дж. Аштияни [38], А. Накуи [93; 94], А. Олам и А. Пурпошокосин [95] и других, посвященных истории формирования и развития Ахеменидской империи, ее политикой в различных сферах общественной жизни – экономической, социальной, политической и культурной в эпоху Ахеменидов, стали источником полезной информации по основным вопросам диссертации. О жизни, государственном строительстве и системе государственного управления основателя Ахеменидской империи Кира Великого, его вклада в укрепление и расширение персидской империи провели интересные исследования иранские ученые – Ш. Баяни [28], Г. Наводири [37], А. Халили [46], Ш. Шахбози [48] и другие.

В четвертую группу включены работы таджикских ученых, таких как Б.Г. Гафурова [52; 53; 54], Эмомали Рахмона [18; 19; 20; 21; 22; 23], К. Расулиен [96; 97; 98; 99; 100; 101; 102; 103; 104; 105;

106; 107; 108], Х. Назарова [17], Н.У. Гаффори [80], Дж.С. Шарифзода [77; 108], Н.С. Муродова [70; 92], М. Хазраткулова [25; 26], Б.М. Мухаммадзода [71] и других. Таджикские ученые и исследователи внесли достойный вклад в изучение исторических аспектов становления и развития империи Ахеменидов, системы государственного управления, внутренней и внешней политики, определении их вклада в развитие культуры и человеческой цивилизации. В истоках этих исследований стоял академик Бабаджан Гафуров со своими непревзойдёнными научным трудами.

В фундаментальных работах Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона история империи Ахеменидов всесторонне рассмотрена и анализирована на основе сведений достоверных исторических источников и результатов исследований известных ученых. В центре внимания Эмомали Рахмона находились вопросы роли и места Ахеменидов в развитии и распространении арийской цивилизации. Для обоснования своей позиции автор использует неопровержимые аргументы [18; 19; 20; 21; 22; 23].

По сравнению с другими учеными, таджикский учёный К. Расулиен большое внимание уделял изучению истории и культуры эпохи Ахеменидов. В его работах затронуты истоки истории ариев, их ареал и процесс миграции и расселения, историко-культурная общность арийских народов, служившая основой становления и развития государства Ахеменидов, единство арийских племен и роль основателя персидской империи Куруша Великого [96; 97; 98; 99; 100; 101; 102; 103; 104; 105; 106; 107; 108].

Другой таджикский исследователь Дж.С. Шарифзода по различным аспектам истории империи Ахеменидов предлагает сегодня провести комплексное научное исследование всех этапов развития цивилизации и государственности предков таджиков – ариев, в форме кандидатских и докторских диссертаций [77; 108].

Б.М. Мухаммадзода провел специальное научное исследование по истории становления и развития государственной системы империи Ахеменидов, имеющий важное значение в изучении темы настоящей диссертации. На основе сведений исторических источников и работ отечественных и зарубежных исследователей он исследовал систему государственного управления империи Ахеменидов [71].

Связь исследования с программами (проектами), научными темами. Диссертация подготовлена в рамках программы

перспективных научно-исследовательских проектов кафедры истории таджикского народа исторического факультета Таджикского национального университета. Один из пунктов плана научно-исследовательской деятельности кафедры – «Историография древней истории таджикского народа» охватывает тему диссертационного исследования.

ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ РАБОТЫ

Общее описание исследование было сосредоточенно на основных аспектах исследования, охватывающее цели и задачи, выполнения научной миссии в исследовании темы, определение объекта исследование, конкретизация рассматриваемой темы, подведение итогов научной работы на разных этапах и периодах исследование, научной обоснование темы и ее связь с концепцией, стратегией и государственными программами, обобщение результатов, выводов и новых научных достижений полученных в ходе научной деятельности. Основные аспекты теоретической значимости, степень достоверности полученных результатов диссертации, соответствие диссертации паспорту научной специальности, личный вклад соискателя ученой степени, утверждение и реализация важных этапов исследовательского процесса, публикация по теме диссертации, структура и объем, являются одним из важных вопросов, которые были применены в научном исследовании.

Цель исследования. Цель исследования настоящей темы заключается, прежде всего, в глубоком комплексном изучении исторических особенностей империи Ахеменидов на основе анализа, рассмотрения и сопоставления сведений трудов отечественных и зарубежных исследователей. Итоговым результатом исследования является выявление и изложение ряда спорных вопросов с учетом национальных интересов.

Задачи исследования. В ходе изучения актуальных вопросов истории Ахеменидской империи становится ясным и уточненным вклад отечественных и зарубежных исследователей в современную историографию. На основе анализа материалов работ исследователей и исторических источников перед диссертационным исследованием поставлены следующие задачи:

